Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №137-138(2964-2965) | ҶУМЪА, 9 НОЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Конститутсия - ифодакунанда ва равшангари роҳ ба сӯйи ояндаи неку пурсаодат

**Паёми табрикотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*5 ноябри соли 2012*



**Ҳамватанони азиз!**

Имсол Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи бистумин солгарди Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ, ки барҳақ поягузори ҳукумати конститутсионӣ, давлати демократии ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон маҳсуб мешавад, таҷлил мегардад.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ифодагари азму ирода, равшангари роҳи ҳаёти мардум воқеан санади тақдирсозест, ки низоми давлатдориро муайян намуда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунад.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, дар солҳои 1991-1992 кишвари моро бӯҳрони конститутсионӣ фаро гирифт, ки ин боиси риоя нашудани талаботи Конститутсия, қонунҳои амалкунанда ва дар маҷмуъ фалаҷшавии рукнҳои ҳокимияти давлатӣ гардид.

Ин амал ба он оварда расонид, ки бесарусомониҳо ва муқовимати шаҳрвандӣ ба вуқуъ пайвастанд.

Яке аз дастовардҳои хеле муҳим ва бузурги ҷомеаи мо дар бахши қонунгузорӣ, ки дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ гардид, ин заминагузорӣ ба таҳия ва қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

Аз ин рӯ, аз нахустин рӯзҳои барқарории ҳокимияти конститутсионӣ дар кишвар Комиссияи конститутсионӣ таъсис дода шуд.

Вазифаи Комиссияи мазкур омӯхтану аз бар намудани таҷрибаи ғании қонунэҷодкунии ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои хоси давраи гузариши мамлакат таҳияи Конститутсияи нав ба шумор мерафт. Яъне, дар ин санади сарнавиштсоз таҷрибаи пешрафтаи ҷомеаи мутамаддини дунё ба назар гирифта шудааст.

Азбаски мақсади асосии давлати мо эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ ба асоси иродаи мардум аст, Конститутсияи нави Тоҷикистон ҳама ин арзишҳо ва суннату анъаноти бебаҳои миллӣ ва умумибашариро дар худ таҷассум намудааст.

6 ноябри соли 1994 лоиҳаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Комиссияи конститутсионӣ омода гардида буд, бо ҷонибдории аксарияти овозҳои шаҳрвандони кишвар пазируфта шуд. Ғояи меҳварие, ки дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохти нави давлатдории муосири тоҷиконро ҳамчун давлати демократии ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ поя гузошт, дар моддаи якуми Конститутсия барои ҳамеша сабт гашт.

Пас аз ин марҳила дар кишвар ислоҳоти ҳуқуқӣ оғоз гардид ва тавассути ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде, ки ҳадафи онҳо мустаҳкам намудани рукнҳои давлатдорӣ ва танзими ҳуқуқии паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар мебошад, қабул гардиданд.

Бояд гуфт, ки бунёди Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро майлу иродаи мардум оид ба сохти давлатдорӣ ташкил медиҳад, ки он ҳама аз истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлат сарчашма мегирад.

Дар муддати сипаригашта ба мо муяссар гашт, ки як силсила меъёрҳои усулии низоми демократӣ, аз ҷумла асосҳои демократии сохти давлатдорӣ, моҳияти дунявӣ ва иҷтимоии давлат, муқаддас будани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, принсипи гуногунфикрии сиёсӣ, фаъолияти парлумони касбӣ, бунёдҳои ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, таъмини адолати судӣ, баробарии ҳама дар назди қонун, баробарии ҳуқуқи зану мард, асли озодии виҷдону эътиқод ва ғайраро дар сатҳи Конститутсияи кишвар асоси устувори қонунӣ бахшем.

Бо дарназардошти ниёзмандиҳои сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон ва мутобиқи талаботу пешрафти он дар соли 1999 ва дар соли 2003 тағйироту иловаҳо ба Конститутсия ворид карда шуданд, ки барои пойдору устувор гардидани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, оғози раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикиву озуқаворӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳойӣ бахшидани кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум шароити мусоид фароҳам оварданд.

Такмили Конститутсия имкон дод, ки дар таҳкими минбаъдаи дастовардҳои истиқлолият, мустаҳкам гардонидани рукнҳои давлатдорӣ, ваҳдату суботи ҷомеа, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ, болоравии нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам устувор гардад.

Муҳимтарин ҷанбаи ин иқдоми сиёсӣ фаъолияти аҳзоби сиёсӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад.

Тавре Конститутсияи кишвар муайян кардааст, дар Тоҷикистон ҳаёти сиёсӣ дар асоси гуногунфикрӣ ҷараён гирифта, шаҳрвандон метавонанд дар заминаи мавқеи сиёсӣ ва фикрии худ ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ таъсис намоянд. Дар ин замина имрӯз дар Тоҷикистон бунёди устувори низоми бисёрҳизбӣ гузошта шудааст.

**Ҳамватанони азиз!**

Конститутсия баробарии ҳамаро дар назди қонун эълон намуда, кафолати ҳуқуқу озодиҳоро ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва моликият, ба дӯши давлат вогузор намудааст ва ин дар маҷмуъ барои бунёди ҷомеаи воқеан демократӣ, ки дар он халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад, шароити мусоид фароҳам меорад.

Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳаёт, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро дахлнопазир эълон намуда, эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз тарафи давлат муайян кардааст. Ҳамзамон фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро дар кишвар кафолат додааст, ки ин рушди бемайлони муносибатҳои озоди бозорӣ ва беҳтар кардани фазои сармоягузории кишварро таъмин менамояд.

Қонуни асосӣ пойдевори сохтори конститутсионӣ ва муҳимтарин рукнҳои ҷомеаи демократии кишвари азизамонро муайян намуда, барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва бунёди давлатдории навин заминаи воқеию ҳуқуқӣ гузошт ва вазъи муътадили сиёсӣ, амнияти ҷомеа, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро таъмин сохт.

Ба манзури идома бахшидан ба ислоҳоти ҳуқуқӣ, таъмини иҷрои талаботи Конститутсия ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон имрӯз мо санадҳои ҳуқуқии зиёде таҳия ва қабул намудаем, ки пеш аз ҳама мақсади онҳо таъмини рушди муътадили низоми қонунгузории мамлакат маҳсуб меёбад.

Арзишҳои волои Конститутсия бо сиёсати инсондӯстонаю инсонпарваронаи мо ва эътирофу эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавъаманд. Шаҳодати ин нукта озодии баён, озодии матбуот, озодии виҷдон ва дин дар Тоҷикистон аст.

Риояи Конститутсия, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва истиқлолияти кишвар, таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шарти муҳими пешрафти давлат мебошад.

Эҳтиром нисбат ба Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи мамлакат вазифаи ҳар як шахс мебошад ва ба ин хотир, мо ҳамеша бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тарбияи насли наврас, тарғибу ташвиқи одоби ҳамидаи муоширот, риояи арзишҳои волои умумибашарӣ ва миллӣ, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи нек ба воя расонидани ҷавонон бояд кӯшиш намоем ва танҳо дар ин сурат метавонем ба дастовардҳои нав ноил гардида, муқаррароти Қонуни асосии кишварро воқеан дар ҳаёт амалӣ созем.

Конститутсия ҳамчун ифодакунанда ва равшангари роҳ ба сӯйи ояндаи неку пурсаодат моро водор месозад, ки минбаъд низ бо риояи арзишҳои волои демократӣ ва ҳуқуқӣ ҷомеаи худро аз ҳама гуна хатарҳои дохиливу берунӣ эмин нигоҳ дорем ва дар Ватани азизамон барои ҳар як шаҳрванд шароити мусоиду шоистаи зиндагӣ ва фаъолиятро муҳайё созем.

Бо чунин ният ва орзуҳои нек тамоми мардуми кишвар ва кулли тоҷикони ҷаҳонро ба муносибати ҷашни фархундаву муқаддас – Рӯзи Конститутсия табрику таҳният гуфта, ба хонадони ҳар кадоми шумо сиҳатию саломатӣ, ваҳдату саодати зиндагӣ ва сарфарозиҳо таманно дорам.

**Пирӯзу сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!**

---

●Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум



## Қонуни нав муқовимат бо коррупсияро тақвият мебахшад

**8 ноябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум доир гардид.**

Дар робита ба рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд:

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба аз эътибор соқит донистани Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани тасвири парчам ва аломати фарқкунандаи мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:**- Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома шуруъ менамоем. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба муовини аввали раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Исҳоқов Амирхон Нусратуллоевич дода мешавад.

**Амирхон ИСҲОҚОВ:- Муҳтарам Раис, Раёсат ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Ба лоиҳаи қонуни мазкур тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1.Дар қисми якуми моддаи 3 калимаҳои «созмону муассисаҳо, ташкилотҳо» ба калимаҳои «корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо» иваз карда шаванд.



2.Дар моддаи 5:

-дар сархати ҳафтуми қисми дуюм пас аз калимаҳои «аз вазифа озод шудан» калимаҳои «, ба нафақа баромадан» илова карда шаванд;

-дар қисми сеюм калимаҳои «дошта, бо ягон санади меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор ё маҳдуд карда намешавад» ба калимаи «дорад» иваз карда шаванд.

3.Дар қисми дуюми моддаи 16 калимаи «панҷоҳ» ба калимаи «бист» иваз карда шавад.

4.Дар банди 2-юми қисми якуми моддаи 18:

-зербанди б) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«б) бо сабаби ба нафақа баромадан,»

-зербандҳои б), в) ва г) мутаносибан зербандҳои в), г) ва д) ҳисобида шаванд.

5.Дар моддаи 19:

-дар қисми дуюм калимаҳои «бист» ва «даҳ» мутаносибан ба калимаҳои «сию панҷ» ва «бисту панҷ» ва калимаҳои «бист сол собиқаи кории умумии ҳуқуқшиносӣ» ба калимаҳои «сию панҷ сол собиқаи кории умумии ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла на камтар аз понздаҳ сол собиқаи кории судягӣ доштан» иваз карда шаванд;

-дар қисми чорум калимаҳои «даҳ», «бист сол аст, бо майлу хоҳишаш нафақа ё баробари ҳаштод» ва «навад» мутаносибан ба калимаҳои «бисту панҷ», «сию панҷ сол аст, баробари панҷоҳ» ва «шаст» иваз ва ҷумлаи дуюм хориҷ карда шавад;

-дар қисми панҷум калимаҳои «бист сол собиқаи корӣ дорад, бо майлу хоҳишаш нафақа ё баробари ҳаштод» ва «мутобиқи талаботи қисми чоруми ҳамин модда» мутаносибан ба калимаҳои «сию панҷ сол собиқаи кории умумии ҳуқуқшиносӣ, аз он ҷумла на камтар аз понздаҳ сол собиқаи кории судягӣ доштан, баробари шаст» ва «ба андозаи шасту панҷ фоизи музди меҳнат» иваз карда шаванд.

Ҳамзамон лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади ба тариқи илова ба танзим даровардани истеъфо, нафақа ва имтиёзи судяҳо таҳия ва пешниҳод карда шудааст. Мутобиқи он меъёрҳои танзимкунандаи истеъфо ва нафақаи судяҳо, аз ҷумла собиқаи кори касбӣ, ки барои ба истеъфо ва нафақа баромадани судяҳо ҳуқуқ медиҳад, инчунин андозаҳои фоизии таъминоти нафақавӣ бозингарӣ шудаанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

**(Идома дар саҳ. 2)**

---

## БАРҚИЯИ ТАБРИКОТӢ

**Ҳаштуми ноябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти тозаинтихоби Иёлоти Муттаҳидаи Америка Барак Ҳусейн Обама барқияи табрикотӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла чунин гуфта мешавад:**

«Ҷаноби Олӣ!

Ба муносибати интихоби муҷаддади Шумо ба вазифаи Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка сарфарозам табрикоти самимона ва таманниёти неки хешро бифиристам.

Тоҷикистон сатҳи имрӯзаи муносибатҳои ҳамшарикии худро бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка, ки фарогири ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои сиёсию амниятӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва гуманитарию фарҳангӣ мебошанд, баланд арзёбӣ менамояд.

Бо истифода аз фурсати муносиб ҳавасмандии ҷониби Тоҷикистонро ба рушду тавсеаи минбаъдаи доираи робитаҳои гуногунҷанба бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка таъкид намуда, ҷиҳати тақвияти ин раванд омодагии хешро барои идомаи муколамаи созанда байни ду давлати ба ҳам дӯст дар ҳамаи сатҳҳо иброз менамоям.

Бо камоли хушнудӣ ба Шумо сиҳатии комилу саодатмандӣ, дар фаъолияти минбаъдаатон комёбиҳо ва ба мардуми дӯсти Америка пешрафту шукуфоии рӯзафзун таманно дорам».

*www.president.tj*

---

*Диловари МИРЗО*

## САД СОЛИ ДИГАР БОШ ҶАҲОНДОР

**(Илҳом аз суханронии модари тоҷик дар маросими ифтитоҳи нақби «Шаҳристон» 28 октябри соли 2012, ноҳияи Шаҳристон)**

Эй сарвару эй раҳбари ин мулки музаффар,
Эй доҳии як миллату ин қавми диловар,
Эй солики роҳи Ҳақ, эй муъмини сафдар,
Ҳар гоҳ бароӣ ба Худо бар сари минбар.
Дил аз пайи шукронаву бар саҷда равад сар,
Шукрона кунам бар дару бар даргаҳи Довар.

Бар маснади шоҳ омаданат лутфи Худо буд,
Он рӯз, ки ин миллати садпора гадо буд,
Фарёди дили модари мискин ба само буд,
Сад захми бузург бар бадани кишвари мо буд,
Ин миллати бечора ҳамесӯхт чу миҷмар,
Шукронаи пою қадаму сулҳи саросар.

Обод бишуд аз қадами шоҳи сухандон.
Ҳам мамлакати сӯхтаву он давлати вайрон,
Бар суҳбати халқ омада бо чеҳраи хандон,
Рушан шуда аз нури рухаш кулбаи эҳзон,
Он нур фарогир бишуд ҷумлаи кишвар,
Ҳам кӯчаву ҳам хонаву ҳам шаҳр мунаввар.

Аз нақб гузаштем нагаштем хабардор,
Аз ҳайбати он ағбаву аз заҳмату озор,
Аз шодии ин туҳфа дар он синаи кӯҳсор,
Ҷамъ омада он ҷо чи қадар мардуми бисёр
Бо меҳр сухан гуфт ба маҷлис чу модар:
«Ман садқаи дастони ту, фарзанди ҳунарвар,

Ҳастем дар ин бодия, ай дӯст, Ватандор,
Даргоҳи Худованд кунам зории бисёр,
Бар боварии халқу Ватан ҳастӣ сазовор,
Сад соли дигар бош дар ин мулк ҷаҳондор,
Ман садқаи дастони ту фарзанди диловар,
Қурбони ҳамон чеҳраи зебову мунаввар.»

---

БА «Садои мардум» – обуна барои соли 2013 идома дошта, дар муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо, инчунин шуъбаҳои алоқаи почтаи шаҳри Душанбе қабул карда мешавад

Нархи солонаи обуна 98 сомонӣ мебошад.

# Конститутсияи нави Тоҷикистон мақсади асосии давлати моро муайян намуд





**Панҷуми ноябри соли 2012 бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба солгарди 18-уми қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомад баргузор шуд.**

Ҷамъомад бахшида ба Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба арафаи бистсолагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад, бо ворид шудани Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба толор оғоз ёфт.

Барои иштирок дар ин чорабинии идона роҳбарият ва кормандони масъули сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, аз ҷумла мақомоти адлияву судӣ, Шӯрои адлия, прокуратура, корҳои дохилӣ, сохторҳои гуногуни низомӣ ва дигар шахсони дахлдор ҷамъ омаданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ аз рӯзҳои вазнину пурдахшати солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, аз ҷумла бухрони конститутсионӣ, фалаҷ шудани ҳокимияти давлатӣ, бесарусомонии саросарӣ ва оқибати ҷанги хонумонсӯзи дохилӣ ёдовар шуда, изҳор дошт, ки таҳия ва бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудани Конститутсияи (Сарқонуни) Тоҷикистони соҳибистиқлол дар он вазъи сангин таҳкимбахши асосҳои давлатдории навини тоҷикон гардид.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки Конститутсияи нави Тоҷикистон бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявиро чун мақсади асосии давлати мо муайян намуда, арзишҳои воло ва суннату анъаноти бебаҳои миллӣ ва умумибашариро дар худ таҷассум намуд.

Тавре таъкид гардид: «Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун ифодагари азму ирода ва равшангари роҳи ҳаёти мардум воқеан санади тақдирсозе аст, ки низоми давлатдориро муайян намуда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунад».

Бо ёдоварӣ аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, ки солҳои 1999 ва 2003 сурат гирифта буд, изҳор гардид, ки ин дигаргуниҳо ба пойдору устувор гардондани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, оғози раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикиву озуқаворӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳойӣ бахшидани кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум шароити мусоид фароҳам оварда, ба низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон асос гузоштанд.

Чунонки таъкид гардид: «Арзишҳои волои Конститутсия ба сиёсати инсондӯстонаю инсонпарваронаи мо ва эътирофу эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавъаманд ва шаҳодати ин нукта озодии баён, матбуот, виҷдон ва дин дар Тоҷикистон аст».

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон «риояи Конститутсия, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва истиқлолияти кишвар, таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз ҷумлаи шартҳои асосии пешрафти давлату давлатдорӣ» номида, аҳли толор ва кулли мардуми кишварро ба таълиму тарбияи босифати насли ҷавони соҳибмаърифат, ватандӯст, худшиносу худогоҳ ва ба арҷгузории олӣ ба арзишҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азиз, Ваҳдати миллӣ ва таъриху фарҳанги пурғановати мардуми тоҷик ҳидоят намуд.

*www.president.tj*

**●Ба истиқболи 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҶУЗ НАКУЙӢ АЗ ТУ МЕРОСЕ НАМОНАД ҶОВИДОН

**Баъди якчанд рӯз сокинони кишварамон 20-солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ботантана ҷашн мегиранд. Дар радифи ин санаи фархунда 70-солагии зодрӯзи ходими шинохтаи ҳизбӣ ва давлатӣ, иштирокчии фаъоли Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонқул Шокиров (рӯҳаш шод бод!) низ ба ҳамин рӯз мувофиқ меояд.**



Фаъолияти меҳнатии Усмонқул Шокиров баъди хатми мактаб-интернати шаҳри Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) соли 1960 оғоз ёфтааст. Ӯ аввалҳо колхозчӣ, котиби Кумитаи комсомолии колхози «Коммунизм»-и ноҳияи Бохтар, мудири шуъбаи пропаганда ва агитатсияи Кумитаи комсомолии ноҳияи Вахш, котиби якуми Кумитаи комсомолии шаҳри Қӯрғонтеппа, мудири шуъбаи хоҷагии қишлоқи Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Қӯрғонтеппа буд.

Дар ин байн (соли 1970) факултети агрономии Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур) ва соли 1983 факултети сиёсатшиносии Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии назди КМ КПСС дар шаҳри Москваро хатм намуд.

Таҷрибаи нахустини меҳнат ва зиндагӣ дар водии Вахш, донишандӯзӣ дар мактабҳои бонуфузи олии мамлакат ва ниҳоят суҳбат ва насиҳату маслиҳатҳои ходимони барҷастаи давлатӣ, ҳизбӣ ва ҷамъиятӣ -Раҳмон Набиев, Гулҷаҳон Бобосодиқова, Ғойибназар Паллаев, Бобо Сангинов, Маҳмадқодир Маҳмудов, Абдураҳмон Набиев, Усмон Муъминов ва дигарон ҷаҳонбинӣ ва маҳорати кордониву ташкилотчигиашро зиёд гардонид. Ҳамаи ин боиси таваҷҷуҳи роҳбарони аввали ҷумҳурӣ шуд ва Усмонқул Шокировро зина ба зина ба корҳои роҳбарикунанда пешбарӣ мекарданд. Батадриҷ дар варақаи шахсиаш вазифаҳои ниҳоят масъул сабт ёфта, ҳар кадоме дар хотири ӯ ва сокинони он маҳалҳо нақш гузоштаанд.

Масалан, айёме ки дар вазифаи мудири шуъбаи хоҷагии қишлоқи Кумитаи вилоятии ҳизби коммунисти вилояти Қӯрғонтеппа (солҳои 1978-1980) кор мекард, деҳқонони вилояти навтаъсис соли 1980 беш аз 500 ҳазор тонна пахта ҷамъ оварданд, ки ба нисфи нақшаи пахтасупории ҷумҳуриамон баробар буд. Ҳамон сол дар кишварамон як миллион тонна пахтаи аълосифат ҷамъоварӣ шуд. Дар сари синаи котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Ҷаббор Расулов ситораи тиллоии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ дурахшид. Устод Лоиқ Шералӣ «Қасидаи як миллиён»-ро эҷод намуд. Садҳо нафар сазовори мукофоти олии Ватан гардиданд.

Албатта, дар ин комёбии пахтакорони вилояти овозадори Қӯрғонтеппа саҳми мудири шуъбаи хоҷагии қишлоқи Кумитаи вилоятии ҳизби коммунисти вилоят Усмонқул Шокиров низ хеле калон буд. Меҳнати софдилонааш дар соли фаромӯшнашавандаи таърихии 1980 бо ордени «Нишони фахрӣ» қадр гардид. Ӯ ҳеҷ гоҳ хешро аз дигарон боло нагирифта, хоксорона доимо таъкид мекард:

«… Он айём садҳо нафар соҳиби мукофотҳои олии Ватан гаштанд. Агар аз як тараф самараи меҳнати ҳаққу ҳалоли худашон бошад, аз ҷониби дигар, ин ҳама маҳз тавассути даву ғеҷи марди чашмикордони ҷумҳурӣ шодравон Ғойибназар Паллаев буд.

… Ногуфта намонад, ки аз Ғойибназар Паллаев, ки котиби якуми ҳизби коммунисти вилояти Қӯрғонтеппа буданд, бисёр ҷиҳатҳои корбариро омӯхтаам. Бахусус, интизоми қавӣ доштан, кори саркардаро ба охир расонидан, супоришҳои роҳбаронро дар вақташ иҷро намуданро барои хеш дарёфтам».[1]

Шояд таъсири муҳити зисти водии Вахш буд (аз ҳар гӯшаву канори ҷумҳурӣ ва намояндагони дигар миллатҳо он ҷо аҳлона кору зиндагӣ доштанд) ё таҷрибаи кор бо шахсиятҳои наҷибу барӯманди ҷумҳурӣ буд, ки дар ниҳоди Усмонқул Шокиров заррае маҳалгаройӣ дида намешуд. Вай худро фарзанди Тоҷикистон меҳисобид ва дӯстону қадрдонони зиёде аз Бадахшону Хатлон, Зарафшону Рашт ва Ҳисори Шодмон дошт. Вагарна, ба ӯ осон набуд, панҷ сол дар ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) вазифаи котиби якуми ҳизби коммунисти ноҳияро бо сари баланд ва нияти пок, бар зимма доштан, зеро дар ин ноҳия кор кардан хеле вазнин буд. Дар ноҳия қавму миллатҳои гуногун кору зиндагӣ мекарданд, вале котиби якум бо ҳама забон меёфт ва дар муддати кӯтоҳ сазовори обрӯйи баланд ва эътибори мардум гардид. Қариб тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ин ноҳияи калонтарини ҷумҳурӣ пеш рафта, равнақу ривоҷ ёфт.

Дар он давра ҳосили фаровони пахта, ғалладона, чорводорӣ ва пилла ба даст омад. Истеҳсоли солонаи тухм дар фабрикаи паррандапарварии ноҳия ба 60 миллион дона расид.

Маҳз дар ҳамон давра барномаи зиёд намудани маҳсулоти хоҷагии қишлоқи ноҳия таҳия гардид. Дар барнома пешбинӣ шуда буд, ки минбаъд дар доманакӯҳҳои Қиблайӣ, Чорбоғ, Харангон, Султонобод, Кӯктош дар заминҳои лалмӣ майдони токзор ва мева зиёд карда шавад. Ин барнома дар давраи роҳбарии Усмонқул Шокиров амалӣ шуд. Ба ҷуз ин, дар минтақаи Қарағазаи Эсанбой зиёда аз 300 гектар замини бекорхобида аз худ ва ба воситаи насосҳо обшор шуд.

Чунин мисолҳоро аз ҳаёти Усмонқул Шокиров ҳамчунин айёми дар вазифаҳои раиси Кумитаи агросаноатии вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва баъдҳо Хатлон (солҳои 1988-1992), директори генералии Иттиҳодияи истеҳсолии «Тоҷикабрешим», раиси ноҳияи Айнӣ ва вазири ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор карданаш низ хеле зиёд овардан мумкин аст. Ӯ дар кадом вазифае, ки кор кард, аз худ танҳо номи нек боқӣ гузошт.

Имрӯзҳо шогирдонаш давомдиҳандаи кори наҷибаш мебошанд. Ходимони шинохтаи давлатӣ ва ҳизбӣ Абдулмаҷид Достиев, Сафар Сафаров, Давлатшо Гулмаҳмадов, Нуриддин Муҳиддинов, Турсунбой Раҳматов, Исмоил Шафиев, Шодӣ Кабиров, Мирзоқурбон Олимов, Қадриддин Ғиёсов, Сафаралӣ Раҷабов, Азизбек Шарифов, Азиз Холов ва дигарон замоне аз устодашон Усмонқул Шокиров дарси одамгарӣ, муомила бо мардум ва роҳбарӣ омӯхтаанд. Бештарашон баъдҳо вакили халқ интихоб шуда, дар иҷлосияҳои Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳашон дар ҳалли масъалаҳои муҳими сиёсӣ, таҳияи қонунҳои нав ва ғайра, дар иҷлосияҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хеле фаъолона иштирок ва фикру мулоҳизаронӣ мекарданд. Усмонқул Шокиров аз чунин шогирдони сазовору қадрдонаш ифтихор мекард.

Ҳамчун иштирокчии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонқул Шокирович он айёмро ба хотир оварда, дар яке аз суҳбатҳояш нигоштааст:

-Албатта, рӯзҳои беҳтарин дар ҳаёти ҳар як шахс хеле зиёданд, агар даҳ соли охирро гирем, ман беҳтарин рӯз ҳамон рӯзеро медонам, ки дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд ҳамчун намояндаи халқ иштирок карда, ба ҷонибдории Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов овоз додам ва номзадии ӯро дастгирӣ кардам…

Заҳматҳои ин марди наҷиб бо орденҳои «Нишони фахрӣ» (1980) ва «Дӯстии халқҳо» (1987), ду медал, Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон (1969) ва унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон (2001) қадрдонӣ гардидааст.

Усмонқул Шокиров се даъват депутати Совети Олии РСС Тоҷикистон ва депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудааст.

Агар падари бузургвораш дар оғози айёми нави давлати Советӣ ба деҳаи Похут нахустин мошинро оварда бошад, пас писараш Усмонқул дар минтақаҳои гуногуни кишварамон роҳҳои васеи асфалтпӯш, хонаҳои баландошёнаи маъмуриву истиқоматӣ, боғу бӯстон бунёд карда, заминҳои навро обшор намуда, ному кори падарро боз ҳам баланд бардошт.

Имрӯзҳо фарзандони солеҳ ва наберагон бо номи падару бобои муътабарашон Усмонқул Шокиров барҳақ ифтихор доранд ва насиҳатҳои ӯро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд, хотирашро пос медоранд:

*То тавонӣ тухми некиро*
*бикор андар ҷаҳон,*
*Ҷуз накуйӣ аз ту меросе*
*намонад ҷовидон.*
*Ин насиҳат мешунидам*
*доимо аз қиблагоҳ,*
*Нек бошу нек гӯю нек*
*хоҳу нек мон!*

***Тиллои НЕКҚАДАМ,***
***«Садои мардум»***

**[1] («Барги сабз», Душанбе, «Сурушан», соли 2002, саҳ. 16-17)**

# Қонуни нав муқовимат бо коррупсияро тақвият мебахшад

**(Идома аз саҳ. 1)**

Аз ин лиҳоз, хоҳишмандем лоиҳаи қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Самадов Тӯрахон Давлатович дода мешавад.

**Тӯрахон САМАДОВ:- Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 октябри соли 2012 таҳти рақами 1474 лоиҳаи қонуни мазкур барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади ба тариқи илова ба танзим даровардани истеъфо, нафақа ва имтиёзи судяҳо таҳия ва пешниҳод карда шудааст. Мутобиқи он меъёрҳои танзимкунандаи истеъфо ва нафақаи судяҳо, аз ҷумла собиқаи кори касбӣ, ки барои ба истеъфо ва нафақа баромадани судяҳо ҳуқуқ медиҳад, инчунин андозаҳои фоизии таъминоти нафақавӣ бознигарӣ шудаанд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, ҷиҳати мукаммал намудани он 16 таклифу пешниҳод ирсол намуданд.

Кумитаи масъул 1 ноябри соли 2012 ҷаласаи васеъ гузаронида, бо иштироки намояндагони кумитаҳо, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонунро баррасӣ намуд.

Дар натиҷаи муҳокима аз 16 таклифу пешниҳод 12 ададаш пурра ё қисман қобили қабул шуморида шуда, дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро ҷонибдорӣ намуда, онро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Нусратулло Муқимович дода мешавад.

**Нусратулло ДАВЛАТОВ:- Муҳтарам Раис, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади иҷрои банди 13-и «Нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз протоколи ҷаласаи кории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2012 ва аз 15 майи соли 2012 бармеоянд, таҳия гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 451 аз 31 августи соли 2012 маъқул дониста шудааст.



Тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав як қатор сабукиҳо дар қонунгузории андоз, аз он ҷумла вобаста ба кам кардани намудҳои андоз, меъёрҳо ва миқдори ҳисоботҳои андоз, пешбинӣ карда шудааст. Таҷрибаи қабул ва амалӣ намудани қонунгузории андоз ва қонунгузории ба он алоқаманд дар дигар давлатҳо нишон медиҳад, ки баробари ворид кардани сабукиҳо дар қонунгузорӣ, барои таъмини риояи ҳатмии он аз тарафи шаҳрвандон ва андозсупорандагон, ҷазоҳои маъмурӣ барои риоя накардани ин муқаррарот таъсирбахш пешбинӣ карда мешаванд.

Мақсади таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур такмил додан ва содда гардонидани муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ кардани он ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва баланд бардоштани масъулияти ҳуқуқвайронкунанда бо роҳи зиёд кардани ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи қонунгузории андоз мебошад.

Пешниҳод оид ба тағйир додани меъёри қисми 5 моддаи 39 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мутобиқ гардонидани он бо муқаррароти моддаи 56 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Ворид кардани тағйирот ба санксияҳои қисмҳои 1 ва 2-и моддаи 599, қисмҳои 1 ва 2-и моддаи 600, қисмҳои 1, 2 ва 3-и моддаҳои 601, 602, 605, қисмҳои 1, 2 ва 4-и моддаҳои 606, 607, қисмҳои 1 ва 2-и моддаи 608, моддаҳои 609, 610, 611, 612, 613, 614, қисмҳои 1, 2 ва 3-и моддаи 615, қисмҳои 1 ва 2-и моддаҳои 620 ва 623 бо мақсади зиёд намудани андозаи ҷаримаҳои маъмурӣ ва кам кардани фосилаи ҳадди камтарин ва ниҳоии ин ҷаримаҳо мебошад.

Зикр кардан зарур аст, ки андозаи ҷарима барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи андоз, ки дар моддаҳои номбурда пешбинӣ гардидааст, таъсирбахш набуда, дар муқоиса бо ҷаримаҳои пешбининамудаи қонунгузории дигар давлатҳои аъзои ИДМ нисбатан паст мебошад. Мақсад аз нисбатан зиёд кардани андозаҳои ҷаримаи маъмурӣ пешгирӣ намудани содиршавии шумораи зиёд ва такрории ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад.

Сабаби тағйирот ба қисми 3-и моддаи 599 ин мутобиқ гардонидани муқаррароти қисм ба вазъи имрӯзаи технологияи истеҳсоли маҳсулоти зераксизӣ (нӯшокиҳо ва машрубот) аст.

Яъне, мафҳуми «зарфҳо» нисбати мафҳуми «шишаҳо» васеътар буда, ба зарфҳо ба ғайр аз шишаҳо, дигар намуди зарфҳои барои истеҳсоли нӯшокиҳо ва машрубот истифодашаванда (зарфҳои пластмассӣ, коғазӣ ва ҳоказо) дохил мешаванд.

Ҳамзамон дар санксияи қисми мазкур соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳамчун субъектҳои номувофиқи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ хориҷ карда шудаанд.

Тағйирот ба моддаи 602 ба татбиқи муқаррароти моддаи мазкур нисбати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайрирезидент (шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ) маблағ (даромад) пардохт намуда, андозҳои муқарраргардидаро наситонидаанд ва ё ситонида ба буҷети давлат пардохт накардаанд, вобаста мебошад.

Инчунин дар санксияи қисми мазкур шахсони воқеӣ ҳамчун субъекти номувофиқи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ хориҷ карда шудаанд.

Ба моддаи 606 ворид кардани қисми 5 бо мақсади пешгирии фаъолияти ғайриқонунии ширкатҳои «якрӯза» (шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) мебошад, ки ба таври ғаразнок ҳисобнома- фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, аз ҷумла ҳисобнома- фактураҳои қалбакӣ пешниҳод намуда, амалиёти вуҷуднадоштаро ба расмиёт медароранд.

Омӯзиши амали чунин ширкатҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аз «хизматрасонӣ»-и онҳо бисёр корхонаву ташкилотҳо, алалхусус ташкилотҳои сохтмонӣ ва корхонаҳое истифода мебаранд, ки аз тарафи Буҷети давлатӣ ё марказҳои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ маблағгузорӣ мешаванд.

Корхонаву ташкилотҳои мазкур аз ширкатҳои «якрӯза» ҳисобнома-фактураҳо харида, хариди молҳо ё хизматрасонии анҷомдодаашонро ба расмият дароварда, маблағҳои пардохтнашудаи андоз аз арзиши иловашударо ба ҳисоб мегиранд.

Инчунин ба воситаи ширкатҳои «якрӯза» молҳои ғайриқонунӣ, аз он ҷумла бо роҳи қочоқ воридгардида, молҳои тасарруфгардида, воситаҳои асосии аз эътибор соқитгардида ва ҳоказо ғайриқонунӣ ба расмият дароварда мешаванд, ки дар ин ҳолат ҳам ба Буҷети давлатӣ зарар расонида мешавад.

Зарурати тағйирот ба моддаи 607 аз он иборат аст, ки дар Кодекси амалкунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оид ба тартиб надодан ва ё сари вақт тартиб надодани санади муқоисавӣ аз тарафи дебитори андозсупоранда ҷавобгарӣ муқаррар карда шуда, барои содир гардидани ин кирдор аз тарафи худи андозсупоранда ҷавобгарӣ пешбинӣ нагардидааст.

Дар лоиҳаи қонун пешниҳод карда шудааст, ки дар номи моддаи 608, диспозитсияи қисми 1 ва 2-и моддаи мазкур, инчунин номи моддаи 609 ва диспозитсияи он калимаҳои «бонкҳо ва муассисаҳои дигари молиявию кредитӣ» ба калимаҳои «ташкилотҳои бонкӣ» иваз карда шаванд. Зарурати ворид кардани ин тағйирот мутобиқ гардонидани муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 таҳти №722 мебошад.

Тағйирот ба моддаи 617 ин мутобиқ гардонидани диспозитсияи модда ба ҳуқуқу салоҳиятҳои қонунии мақомоти андоз мебошад.

Дар робита ба санксияи моддаи 618 зикр кардан зарур аст, ки корҳои назоратии мақомоти андоз аз он шаҳодат медиҳанд, ки як қатор шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соддагардонии бақайдгирии давлатии субъектҳои хоҷагидорӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009 таҳти №508 истифода бурда, бо роҳи ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар шакли ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, бо мақсадҳои ғаразнок (гирифтани даромад аз фаъолияти ғайриқонунӣ ва як ё ду дафъаина) ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, аз ҷумла ҳисобнома-фактураҳои қалбакӣ пешниҳод намуда, амалиёти вуҷуднадоштаро ба расмиёт медароранд.

Аз ин лиҳоз, мақсади ворид кардани тағйироти мазкур пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи қонунгузории андоз мебошад. Санксияи моддаҳои зикргардида, бо назардошти таклифҳои вакилон, такмил дода шуда, ба санксияҳои Кодекси ҷиноятӣ мувофиқ гардонида шуд.

Умуман, лоиҳаи қонуни мазкур таклифҳоро вобаста ба иҷро намудани дастуру супоришҳои Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи андоз дар бар мегирад, ки мақсади он такмил додани қонунгузории ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, мушаххас ва оммафаҳм намудани бархе аз меъёрҳои он мебошад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба баррасии Иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки он дастгирӣ шавад.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Холов Саттор дода мешавад.

**Саттор ХОЛОВ:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод карда мешавад.

Кумитаи масъул тибқи талаботи банди 302 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим шуморид, ки лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Домуллоҷон Ҷабборов, Максуда Саматова ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, муттаҳид карда, ҳамчун лоиҳаи ягонаи қонун баррасӣ намояд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади такмили меъёрҳои Кодекси мазкур, мутобиқати дохилии меъёрҳои он, ҳамчунин мутобиқ намудани муқаррароти он ба дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудааст.



Бояд зикр намуд, ки аз ҷониби узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Домуллоҷон Ҷабборов ва Максуда Саматова тағйиру иловаҳо ба Кодекси номбурда, яъне моддаи 29 дар таҳрири нав ва тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 39 ва 627 Кодекс пешниҳод карда шудааст. Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 311, 324, 325 ва ба моддаҳое, ки ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи андоз бахшида шудаанд, пешниҳод гардидааст.

Дар лоиҳаи қонун моддаи 29 Кодекс, яъне ҷавобгарии маъмурии шахсони мансабдор, шахсони ба ӯ баробаркардашуда ва соҳибкори инфиродӣ пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонун мукаммал гардонда, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 39-уми Кодекс дар таҳрири нав пешниҳод карда шуда, андозаи ҳадди ақал ва ниҳоии ҷаримаи маъмурӣ аз шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ дар таҳрири нав пешниҳод карда шуд. Ба моддаҳои 22 ва 34-уми Кодекс мафҳуми «соҳибкори инфиродӣ» илова карда шуд.

Ворид кардани тағйирот ба санксияҳои қисмҳои 1, 2 ва 3-юми моддаи 311 бо мақсади идораи оқилонаи моликияти давлатӣ ва пешгирӣ намудани вайроншавии бармаҳали роҳҳо, бехатарии роҳу иншооти роҳдорӣ пешниҳод шудааст.

Мақсад аз нисбатан зиёд кардани андозаҳои ҷаримаи маъмурӣ пешгирӣ намудани содиршавии шумораи зиёд ва такрории ҳуқуқвайронкуниҳо, самаранок истифодабарии роҳу иншооти роҳдорӣ, ки бо маблағҳои калони буҷетӣ ва инвеститсионӣ (дар маҷмуъ барои аз нав мумфарш кардани 1 километр роҳи автомобилгард 82,500 доллари ИМА) навсозӣ мегарданд, мебошад.

Ба қисми 1-уми моддаи 324 тағйирот дохил карда шуда, ба моддаи 325 қисми 4 илова оид ба ҳуқуқвайронкунӣ, яъне ба самти муқобили хатти ҳаракати воситаҳои нақлиёт баромадани ронандагон ва ҷавобгарӣ ба он пешниҳод карда шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карда, хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 46 таклиф ворид гардид.

Аз 46 таклифи пешниҳодгардида 31 таклиф пурра ва 6 таклиф қисман қабул гардида, 8 таклифи дигар қобили қабул ҳисобида нашуд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 24 октябри соли 2012 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳури Тоҷикистон ва намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дод.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо назардошти таклифу пешниҳодҳои қабулгардида, ҷонибдорӣ карда шавад.

**(Идома дар саҳ. 3)**

(Идома аз саҳ. 1, 2)

# Қонуни нав муқовимат бо коррупсияро тақвият мебахшад

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз Буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонуни мазкур ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:-** Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Фелалиев Акрамшо Саидшоевич дода мешавад.

**Акрамшо ФЕЛАЛИЕВ:-Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ, ҳозирини арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Мақсад аз пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур аз байн бурдани ихтилофот ҳангоми татбиқи меъёрҳои қонунҳои мурофиавӣ аз тарафи мақомоти судӣ, тақвияти кафолатҳои ҳимояи давлатии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва такмили қонунгузорӣ дар ин самт мебошад. Мувофиқи лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ба қисми 4 моддаи 357 ва қисми 1 моддаи 403 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон илова намудани меъёри нав пешбинӣ шудааст. Мувофиқи он шахсоне, ки бо ҳукми суд ҳуқуқу манфиатҳои молумулкиашон халалдор шудааст, дар баробари иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ метавонанд бо тартиби муқарраргардида ҷиҳати барқарор намудани он ба суд муроҷиат намоянд. Яъне, минбаъд тибқи қисми 4-уми моддаи 357 «Даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони онҳо ҳуқуқ доранд ба ҳукми дар қисми вобаста ба даъвои гражданӣ, инчунин дигар шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии онҳо ба ҳукм халалдоршуда шикоят оваранд.».

Ҳамзамон дар қисми 1 моддаи 403 ба чунин шахсон низ ҳуқуқҳои дар боло номбаршуда дода шудаанд. Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон додани чунин ҳуқуқҳо ҳангоми овардани шикоят ва эътирози кассатсионӣ аз ҳукм ва эътироз ё шикоят овардан ба тариқи назоратӣ аз ҳукм, таъинот, қарори суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, бори дигар аз давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки дар ин ҷо ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз ҳама боло аст.



Зикр кардан бамаврид аст, ки кумитаи масъул дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида баъзе тағйиру иловаҳоро ба моддаи 1 ва қисмҳои он ворид намуд. Пеш аз ҳама қисми 1 моддаи 1, ки ба сархати панҷуми моддаи 6 пас аз калимаи «тарҷумон» илова намудани калимаҳои «ва дигар шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии онҳо бо ҳукм халалдор шудааст» пешбинӣ менамуд, хориҷ карда шуд. Зеро, ки бо қабул намудани ин пешниҳод бояд ба боби 7 Кодекси амалкунанда, яъне «Иштирокчиёни дигари мурофиаи судӣ» дар баробари шоҳид, мутахассис, коршинос (эксперт), тарҷумон ва шахси холис тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» боз моддаҳои нав оид ба шарҳ додани дигар шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии онҳо халалдор шудааст, илова карда мешуданд, ки ин ба мақсад мувофиқ нест. Ҳамчунин ба лоиҳаи қонуни мазкур бо пешниҳоди кумитаи масъул ва дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе тағйироти таҳрирӣ ва имлоӣ ворид карда шуданд.

Ҳамзамон илова на ба қисми 3 модаи 357, балки ба қисми 4 моддаи мазкур ворид намудани калимаҳои «дар қисми ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии халалдоршуда», мувофиқи мақсад дониста шуд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва қабули он аз Буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, аз шумо, вакилони муҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» сухан ба директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Фаттоҳ Ғоибович дода мешавад.

**Фаттоҳ САИДОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тибқи талаботи банди 1- Тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2010 таҳти № 864 тасдиқ карда шудааст, банди 2 Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012, бандҳои 12 ва 39 - Нақшаи тадбирҳои иҷрои Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012, ки мутаносибан бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2010 таҳти №431 ва аз 26 январи соли 2008 таҳти №34 тасдиқ карда шудаанд, банди 22 Консепсияи пешгӯйии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011 таҳти №1021 тасдиқ карда шудааст, зербанди 9 моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонун асоси ҳуқуқӣ ва ташкили гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади дар онҳо ошкор ва бартараф намудани омилҳо ва сабабҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, шароити ба паҳншавии коррупсия мусоидаткунандаро дар бар гирифтааст.

Инчунин лоиҳаи қонун омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки ба ҳуқуқтатбиққунанда ваколатҳои васеи фармонравоӣ, ихтиёрдорӣ ё имконоти татбиқи беасоси истисно аз қоидаҳои умумиро муқаррар намуда, объектҳои зиддикоррупсионӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ, асосҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии хусусияти умумиҳатмидоштаро пешбинӣ намудааст.

Ҳамзамон лоиҳаи қонун тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ба ин раванд ҷалб намудани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишварро дар бар гирифтааст.

Меъёрҳои лоиҳаи қонун ба талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, Қонуни моделии давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки бо Қарори Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ 17 майи соли 2012 таҳти №37-12 қабул гардидааст, мутобиқ мебошад.

Қабули ин қонун на танҳо асоси ҳуқуқии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро муқаррар мекунад, балки заминаи иҷро шудани уҳдадориҳои байналмилалӣ, инчунин боло рафтани обрую нуфузи Тоҷикистонро дар самти муқовимати коррупсия таъмин менамояд.

Қисми 3 моддаи 5-уми Конвенсияи СММ зидди коррупсия чунин пешбинӣ менамояд: «Ҳар як давлати иштирокчӣ кӯшиш менамояд ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва чораҳои маъмурии дахлдорро бо мақсади муайян кардани мутаносибии пурраи онҳо ҷиҳати пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он мунтазам баҳо диҳад».

Лоиҳаи қонуни мазкур дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2012 маъқул дониста шудааст.

Лоиҳаи қонун дар таҳрири ниҳойӣ аз 3 боб ва 17 модда иборат мебошад.

Боби 1-ум мақсади қонуни мазкурро ҷиҳати дар қонунгузорӣ ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо, қонунгузории танзимкунандаи экспертизаи зиддикоррупсионӣ, мафҳумҳои асосӣ пешбинӣ менамояд. Мафҳумҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ оварда шуданд.

Боби 2-юм асосҳои ташкил ва гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар моддаҳои 5-15 пешбинӣ менамояд:

- принсипҳои экспертизаи зиддикоррупсионӣ, аз ҷумла асосҳокӣ, холисӣ (беғаразӣ), салоҳиятнокии экспертҳо, мустақил будани онҳо, ҳатмӣ будани экспертизаи зиддикоррупсионӣ, ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот байни мақомоти давлатӣ ва худидоракунӣ, ҳатмӣ будани баррасии хулосаи экспертиза, масъулияти субъектҳои гузаронидани экспертиза;
- омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ҳамчун меъёрҳои мухолифатдошта барои хавфҳои зуҳуроти гуногуни коррупсия заминагардида ва ба таври муфассал мазмуни чунин омилҳоро ҳамчун ваколатҳои васеи фармонфармоӣ, ихтиёрдорӣ ё имконияти татбиқи беасоси истисноҳо аз қоидаҳои умумӣ муқаррарнамуда бо овардани мафҳумҳои ҳар як намуди чунин омилҳо ва имконияти илова кардани онҳо ба қонуни мазкур;
- навъҳои давлатӣ ва ҷамъиятии экспертизаи зиддикоррупсионӣ;
- объектҳои экспертизаи зиддикоррупсионӣ аз рӯйи мартабаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастурҳо, низомномаҳо, оинномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва идоравӣ ва лоиҳаҳои онҳо;
- субъектҳои барои гузаронидани экспертиза ваколатдор, яъне мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Вазорати адлия;
- асосҳо барои гузаронидани экспертиза – таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва мониторинги ҳуқуқтатбиққунӣ, бақайдгирии онҳо дар Вазорати адлия, дастури Президент, дарҳости Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳоди Прокурори генералӣ, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- самтҳои афзалиятноки гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ, яъне аз рӯйи навбати афзалият;
- вазифаи мақомоти давлатӣ оид ба ирсоли ахборот ва мусоидат барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ;
- талабот нисбат ба хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионӣ, ки хислати тавсиявӣ дорад, тартиби ҳатмии баррасӣ ва раддияи он;
- ваколати Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он ҷиҳати ошкор ва овардани пешниҳод оид ба омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия.

Боби 3-юм ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи ин қонун ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро пешбинӣ менамояд.

Қобили зикр аст, ки тибқи лоиҳаи қонуни мазкур асоси муҳим барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ – мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва инчунин экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионӣ, ки тибқи тартиби пешбининамудаи қонун ба сифати эксперт шахси воқеии дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва собиқаи кории на камтар аз панҷсола аз рӯйи ихтисос ва ташкилоти ҷамъиятии дорои се мутахассиси ба талаботи мазкур ҷавобгӯй шуда метавонад, пешбинӣ шудааст.

Дар вақти баррасии лоиҳаи қонуни мазкур дар Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон таклифҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шуд. Аз ҷумла оид ба пешбинӣ намудани арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби вазорату кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд, оид ба ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар заминаи хулосаи онҳо воҳидҳои илмӣ-ташхисии мақомоти ваколатдоршуда экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ мегузаронанд.

Муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Ватанов Маҳмадалӣ Маҳмадуллоевич дода мешавад.

**Маҳмадалӣ ВАТАНОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**



Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, пешниҳод мегардад.

Мушкилоти коррупсия яке аз масъалаҳои доғи рӯз на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Ҳамаи мо шоҳиди он ҳастем, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои решакан намудани коррупсия чӣ тадбирҳоеро ба анҷом расонида истодааст. Ташкили мақоми махсуси мубориза бо коррупсия дар ҷумҳурӣ яке аз он ташаббусҳо ба шумор меравад.

Дар самти пешгирӣ намудани коррупсия зинаи аввал ин таҳияи лоиҳаи қонунҳо ба шумор меравад. Агар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ имконияти бо мақсадҳои коррупсионӣ истифода намудани онҳо маҳдуд карда шавад, ин беҳтарин роҳи мубориза бо коррупсия хоҳад буд.

Дар ин замина пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» талаби замон мебошад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1302 аз 4 июни соли 2012 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни зикргардида асоси ҳуқуқии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкили гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади дар онҳо ошкор ва бартараф намудани омилҳо ва сабабҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, шароити ба паҳншавии коррупсия мусоидаткунанда дар бар гирифтааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷиҳати такмил додани он 138 таклиф пешниҳод намуданд.

Кумитаи масъул рӯзи 1 ноябри соли 2012 ҷаласаи васеъ доир намуд, ки дар он аз 138 таклифи пешниҳодгардида 122-тои он қабул ва қисман қабул карда шуда, 16-тои дигараш қобили қабул дониста нашуд.

Бо назардошти таклифу пешниҳодҳои қабулгардида, лоиҳаи қонун такмил дода шуд. Аз ҷумла ба моддаи 4 ду сархати нав, ба моддаи 5 як банди нав, ба моддаи 9 ду қисми нав, ба моддаи 12 ду қисми нав, ба моддаи 13 ду қисми нав ворид карда шуда, аз моддаи 3 як сархат ва аз моддаи 10 ду сархат хориҷ карда шуд. Бо сархату қисмҳои нав принсипҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ такмил дода шуда, принсипҳои шаффофият ва таъмини имконияти шинос шудан бо натиҷаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо ва масъулияти субъектҳое, ки ин экспертизаро мегузаронанд, барои сифати он пешбинӣ гардид. Талабот нисбат ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ, ки метавонанд дар гузаронидани экспертиза иштирок намоянд, муайян карда шуд. Тамоми лоиҳа ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мутобиқ гардонида, хатоиҳои имлоию забонӣ бартараф карда шуданд.

Муайян намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мақсади асосии ин лоиҳаи қонун мебошад, зеро дар тамоми матни он минбаъд чораҳои пешгирӣ намудани ин омилҳо зикр гардидаанд. Бахусус, дар ҳолатҳое ки санади меъёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти давлатӣ ва ё шахсони мансабдори онҳо салоҳияти қабули қарореро нисбати шаҳрвандон медиҳад, бояд он салоҳиятҳо мушаххасан ва возеҳу фаҳмо нишон дода шуда бошанд, то ки ин мақомот ё шахси мансабдор бо салоҳдиди худ аз ин ҳуқуқ истифода накунанд. Аниқтар карда гӯем, аз салоҳиятҳои додашуда сӯистифода накунанд. Бинобар ин, он санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибати мақомоти давлатӣ ва шахсони воқеиро танзим менамоянд, бояд ба таври афзалиятнок аз экспертизаи зиддикоррупсионӣ гузаранд.



Самтҳои афзалиятноки гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар моддаи 10-уми лоиҳаи қонун муайян шуда, дар он ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд диққати махсус дода шудааст.

Моддаи 9-уми лоиҳаи қонун, ки асосҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсиониро муайян менамояд, аз нав таҳрир ва мукаммал гардонида шуд. Махсус зикр карда шуд, ки муроҷиати ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ барои таъйини ин экспертиза асос мегардад.

Барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ ҳамчун субъект эътироф намудани ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон шаҳодати он аст, ки дар муборизаи зидди коррупсия давлат ба ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ такя мекунад ва бори дигар собит месозад, ки мубориза бар зидди коррупсия кори тамоми аҳли ҷомеа мебошад. Дар ин маврид, лоиҳаи қонун барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё шаҳрвандон ягон намуди бақайдгирии махсусро талаб намекунад. Дар навбати худ хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда додаанд, ҳатман бояд мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мухолифат надорад. Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**Шодӣ ШАБДОЛОВ:** - Чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бениҳоят зиёданд ва аз экспертиза гузаштани онҳо чӣ тавр сурат мегирад?

Саволи дигар ба моддаи 5-уми лоиҳаи қонун вобаста аст. Дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия нишон дода шудааст. Модом ки дар муносибатҳои иқтисодӣ рақобат ҳаст, бархӯрди манфиатҳо низ ҷой доранд.

Чӣ тавр ин бархӯрди манфиатҳоро ба коррупсия нисбат медиҳем? Мехостам ба ин савол ҷавоб диҳед.

**Маҳмадалӣ ВАТАНОВ:** - Бархӯрди манфиатҳо, ки дар моддаи 5-уми лоиҳаи қонун омадааст, муносибатҳои иқтисодиро дар назар надорад. Он асосан ба мақомоти давлатӣ дахл дорад.

Дар моддаи 10-уми лоиҳаи қонун доир ба гузарондани экспертизаи зиддикоррупсионӣ номгӯйи хеле зиёд нишон дода шудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки экспертизаи зиддикоррупсионӣ дар як вақт гузаронда мешавад.

Яъне, дар мавриди таҳия гаштани лоиҳаи қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чунин экспертизаро мегузаронанд. Баъд барои тасдиқ пешниҳод мешаванд.

**Фаттоҳ САИДОВ:** - Ба экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи онҳо на танҳо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул аст, инчунин ҳангоми бақайдгирии онҳо Вазорати адлия низ ҷалб мешавад.

Ҳамзамон вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати қонунӣ будани ин асноди ҳуқуқӣ хулосаҳои худро пешниҳод менамоянд. Боз муҳим он аст, ки ба ин кор ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷалб мешавад.

**Рустам ЛАТИПОВ:** - Дар лоиҳаи қонун муҳлати баррасии экспертизаи зиддикоррупсионӣ ва пешниҳоди хулосаҳо ба таври мушаххас нишон дода нашудааст.

**Маҳмадалӣ ВАТАНОВ:** - Тартиби гузарондани экспертизаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Муҳлат, тартибу шартҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ нишон дода мешаванд.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Имомов Азизмат Холматович дода мешавад.

**Азизмат ИМОМОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи қонуне, ки ҳоло мавриди баррасии Маҷлиси намояндагон қарор гирифтааст, санади нодир дар таърихи парламентаризми мамлакат мебошад, зеро бори аввал қонуне қабул хоҳад гардид, ки имконият медиҳад, ҳатто санҷиши мутобиқати санадҳои аз ҷониби мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар ва дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ қабулгардида, ба манфиати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, нафъи ҷомеаи Тоҷикистон гузаронида шавад.



Сабаб ва зарурат дар чист? Қабл аз ҳама бояд иқрор шуд, ки пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, барҳамхӯрии иқтисодиёти нақшавӣ ва ноором иҳои сиёсии солҳои 90-уми асри гузашта сабаби пайдоиш ва паҳншавии намудҳои хавфноктарини ҷиноятҳои муташаккил, пеш аз ҳама, сарчашмаи бевоситаи ҳамаи онҳо – коррупсия дар ҳудуди собиқ ҷумҳуриҳои шӯравии сотсиалистӣ, аз ҷумла Тоҷикистони соҳибистиқлол гардид. Зеро коррупсия дар мазмуни оммафаҳми хеш, ин омезишёбии ҷиноятҳои муташаккил бо мақомоту сохторҳо ва хизматчиёни давлатӣ бо мақсади ғараз – ба даст овардани дороии ғайриқонунӣ мебошад.

Бо чораҳои ташкиливу амалии роҳбарияти мамлакат андешида, махсусан солҳои охир як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул гардиданд, ки онҳо заминаи васеи ҳуқуқӣ дар пешгирии кирдорҳои коррупсионӣ мебошанд. Вале бе бартараф намудани омилҳое, ки метавонанд ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба санадҳои қонунгузорӣ реша давонида, ба кирдорҳои коррупсионӣ роҳ мекушоянд, ноил гардидан ба мақсадҳои ниҳойӣ дар самти решакан кардани коррупсия дар мамлакат ғайриимкон мебошад.

Аз ин лиҳоз, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» метавонад қадами муҳиме дар пешгирии воридгардии омилҳое, ки боиси кирдорҳои коррупсионӣ мегарданд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда, заминаи муносиб барои пешгирии содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ бошад. Зеро қонуни мазкур асоси мувофиқи ҳуқуқӣ мегузорад ва меъёрҳое, ки метавонанд сабаби бавуҷудойии омилҳои коррупсионӣ гарданд, ҳанӯз дар лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, пеш аз қабули он аз ҷониби мақоми ваколатдор сари вақт ошкор карда, аз байн бурда шаванд.

Инчунин лоиҳаи қонун барои ҷалб ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон ва аҳли ҷомеа дар кори бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ ва пешгирии ин намуд ҷиноятҳо роҳи васеъ мекушояд.

Он ба манфиати тамоми аҳли ҷомеа равона шуда, метавонад дар таъмину риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳимояи манфиати давлат ва ҷомеа мавқеи муҳим дошта бошад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони гиромиқадр, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ба тарафдории лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» овоз диҳед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Ҳакимов Мироҷиддин Дӯстмуродович дода мешавад.

**Мироҷиддин ҲАКИМОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Дарвоқеъ, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» падидаи наве дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бевосита ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият, амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, поктинатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ нигаронида шуда, мақсади асосии он бо роҳи ташкил ва гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои он, ошкор намудани омилҳои ба пайдоиши коррупсия мусоидаткунанда ва андешидани тадбирҳо бахри бартараф намудани ин омилҳо ва дар маҷмӯъ низоми пешгирии коррупсия дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошад.

Агар мо ба мазмун ва моҳияти лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида назар андозем, меҳвари асосии онро пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, яъне меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои он, ки ба зуҳуроти коррупсия, аз ҷумла бархӯрди манфиатҳо, вайрон кардани этикаи касбӣ ва риоя накардани принсипи шаффофият шароит фароҳам оварда, берун аз қоидаҳои умумӣ ба мақомоти давлатии ҳуқуқтатбиққунанда ва шахсони мансабдори онҳо ваколатҳои беасоси фармонфармоӣ ва ихтиёрдорӣ медиҳад, ташкил менамояд.

Дар навбати худ, имконияти татбиқи беасоси истисноҳо аз қоидаҳои умумии муқарраршуда аз тарафи шахсони мансабдор хавфи пайдоиши ҳолатҳоеро ба вуҷуд меорад, ки заминаи пешниҳод намудани талаботи номуайян, иҷрояш мушкил ва монеаҳои сунъиро барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияташон эҷод менамоянд.

Ҳамин тавр, шахсони ваколатдори давлатӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда дар аксар маврид маҳз санадҳои меъёрии ҳуқуқиро асос намуда, кирдорҳои коррупсионии худро бо истифода аз мақоми хизматӣ, бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонун пешбининашударо содир менамоянд.



Ин аст, ки дар лоиҳаи қонун номгӯйи омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ба монанди васеъ будани доираи ваколатҳои ба шахсони мансабдор додашуда, муайян кардани салоҳият аз тарафи ин гуна шахсон аз рӯйи қоидаи «ҳуқуқ доштан», интихобан тағйир додани доираи ҳуқуқҳо, озодии аз ҳад зиёди меъёрэҷодкунии санадҳои зерқонунӣ, ихтилофҳои меъёрӣ, мавҷуд набудан ё нопуррагии расмиёти маъмурӣ, мавҷудияти талаботи аз ҳад барзиёди шахсони мансабдор нисбат ба шахсе, ки ҳуқуқҳои худро амалӣ мекунад, даст кашидан аз расмиёти баргузории озмунҳо (тендерҳо) ва ғайра нишон дода шуда, мафҳум ва хусусиятҳои хоси онҳо дарҷ гардидаанд, ки он бевосита барои ташкил ва гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аҳамияти бузурги амалӣ дорад.

Инчунин лоиҳаи қонун намудҳо ва объектҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои он, мақомоти ваколатдори давлатии оид ба гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ, асосҳо ва самтҳои афзалиятноки гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пешбинӣ намудааст, ки дар пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ нақши муҳим мебозанд.

Ҳамзамон лоиҳаи қонун тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ, таҳия ва баррасӣ намудани хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ба ин ҷараён ҷалб намудани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишварро дар бар гирифтааст, ки он барои дар мубориза бар зидди коррупсия фаъолона ширкат намудани шаҳрвандон ва созмонҳои ҷамъиятӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тавр, лоиҳаи қонуни мазкур фишанги иловагӣ дар муқовимат бар зидди коррупсия, пешгирӣ ва бартараф намудани зуҳуроти коррупсионӣ буда, дар як вақт ба беҳтар гардидани сатҳу сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳо таъсири мусбӣ расонида метавонад.

Дар ин асос аз шумо, вакилони гиромиқадр, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»-ро, бо назардошти тағйиру иловаҳо, тарафдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун боб ба боб ва модда ба модда ба овоз монда, қонун яклухт қабул гардид. Дар робита ба он Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тасдиқ шуд.*

(Идома дар саҳ. 4)

# Қонуни нав муқовимат бо коррупсияро тақвият мебахшад

(Идома аз саҳ. 1, 2, 3)

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» сухан ба муовини аввали Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадиев Абдуқодир Саидалиевич дода мешавад.

**Абдуқодир МУҲАММАДИЕВ: - Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» бо мақсади рушди муносибатҳои соҳибкорӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат, субъектони хоҷагидор, алалхусус соҳибкорони ватанӣ, ки аз сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ бармеояд, таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Асосҳои ҳуқуқӣ ва зарурати воқеии ворид намудани тағйироти пешниҳодшаванда ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» аз он иборат аст, ки вақтҳои охир нархи молу маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва озуқаворӣи ба ҷумҳурӣ воридшаванда, инчунин дигар намуди кору хизматрасониҳои ба онҳо вобаста мунтазам тамоюли рӯ ба болоравиро дошта, дар ҳолатҳои алоҳида боиси маҳдудшавии рақобати озод дар бозори истеъмолии ҷумҳурӣ гардида истодааст.

Тибқи супориши протоколии маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №9 аз 20 сентябри соли 2011 мақомоти дахлдори давлатӣ вазифадор карда шуда буданд, ки сабабу омилҳои беасос баланд гардидани нархи маҳсулоти сӯзишворӣ ва маводи озуқавориро мавриди таҳлил қарор дода, ҷиҳати пешгирии болоравии нархҳо ва ба эътидол овардани вазъ чораҳои ҷиддӣ андешида, масоили мазкурро таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд.

Санҷишу таҳлилҳои ҳолати рақобат дар бозорҳои мол, ки аз ҷониби мақомоти прокуратура дар ҳамбастагӣ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ гузаронида шуданд, нишон дод, ки дар болоравии нархи навъҳои гуногуни молу маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва озуқаворӣ сабабу омилҳои субъективӣ низ ҷой доранд. Пешгирӣ накардани чунин омилҳо боиси халалдор гардидани рақобати озод ва манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла соҳибкорони ватанӣ мегардад.

Чунончӣ, тибқи маълумоти оморӣ аз ҳаҷми умумии 210 ҳазору 136 тонна бензини дар давоми соли 2011 ба ҷумҳурӣ воридгардида, ҳиссаи воридотии баъзе субъектҳои хоҷагидори ба Феҳристи субъектони хоҷагидори дар ин бозори мол мавқеи ҳукмфармодошта аз 51 фоиз зиёд гардида, онҳо бевосита ба муҳити рақобат, шарту шароити бозори дохилӣ ва нархи маводи сӯзишворӣ таъсири ҳалкунанда расонида, яке аз омилҳои субъективии мунтазам болоравии нархҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва техникӣ беасос гардидаанд.

Ҳиссаи дигар субъектҳои хоҷагидор бошад, ҳамагӣ аз 2,77 то 6 фоизро ташкил дода, фаъолияти онҳо барои ба эътидол овардани вазъи бозори дохилӣ на чандон таъсирнок боқӣ мондааст.

Тибқи талаботи моддаи 5-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» ба субъектони хоҷагидор, ки дар бозори як мол амал мекунанд, бастани созишномаҳо ё анҷом додани амали мувофиқашуда, ки дар натиҷаи он роҳ надодан, маҳдуд сохтан, бартараф намудани рақобат ё халалдор кардани манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор ҷой доранд ё ҷой дошта метавонанд, манъ аст.

Бо назардошти ин меъёри қонун барои ба низом даровардани бозори истеъмолии молу маҳсулоти ба ҷумҳурӣ воридшаванда ва дигар кору хизматрасониҳо, риояи қатъии қоидаҳои нархгузорӣ, пешгирии болоравии нархҳо, ки аз нигоҳи иқтисодӣ ва техникӣ беасосанд ва ҳамзамон аз нигоҳи иқтисодию техникӣ муқаррар намудани нархҳои воқеӣ, иловапулиҳо, нархҳои иловашуда, фоида ё ҳама гуна амалҳои дигаре, ки боиси поймол гардидани манфиатҳои қонунии дигар субъектони хоҷагидори ватанӣ ва пеш аз ҳама ҳуқуқи истеъмолкунандагон мегардад, зарурати ворид намудани тағйирот ба моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» ба миён омадааст.

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати пешгирии сӯистифода ва роҳ надодан ба таъсиррасонии як субъекти хоҷагидор ба шарту шароити умумӣ дар бозори молҳои гуногун (кору хизматрасонӣ) ва фаъол намудан, фароҳам овардани шароити муносиби рақобати солиму озод, ёрии давлатӣ ба дигар субъектони хоҷагидору соҳибкорони ватанӣ бояд меъёри ҳиссаи субъектҳои хоҷагидори ба Феҳристи субъектҳои хоҷагидори дар бозори мол мавқеи ҳукмфармодошта, ки дар моддаи 3-юми қонуни номбурда пешбинӣ гардидааст, аз андозаи «панҷоҳ ва зиёда аз он» ба андозаи «аз сию панҷ фоиз зиёдро» муқаррар карда шавад.

Таҳлили вазъи ба ҷумҳурӣ воридшавии молу маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва озуқаворӣ нишон медиҳад, ки зарурат ва афзалияти «аз сию панҷ фоиз зиёдро» муқаррар намудани меъёри ҳиссаи субъектҳои хоҷагидори дар бозори ин молҳо мавқеи ҳукмфармодошта дар он аст, ки маҳз чунин танзими ҳуқуқӣ метавонад омили таъсиркунанда ҷиҳати пешгирӣ, маҳдудкунӣ, қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона дар бозори истеъмолӣ гардад.

Дар навбати худ ҷорӣ намудани чунин меъёр ба ташаккули озоди муносибатҳои бозорӣ дар асоси рушди рақобат ва соҳибкорӣ мусоидат намуда, фаъолнокӣ ва ҳиссаи субъектҳои хоҷагидори ватаниро дар бозори молу маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва озуқаворӣи ба ҷумҳурӣ воридшаванда дар ҳолати муътадил нигоҳ медорад.

Ба ғайр аз ин, ҷорӣ намудани чунин меъёр дар қонунгузории соҳа метавонад садди роҳи фаъолияти инҳисории баъзе субъектони хоҷагидоре гардад, ки онҳо бевосита дар фазои рақобат ва шарту шароити бозори мол ва кору хизматрасонӣ таъсири ҳалкунанда дошта, манфиатҳои дигар субъектони хоҷагидор ва соҳибкорони ватаниро халалдор менамоянд.

Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур давоми мантиқии ҳамон тадбирҳое мебошад, ки баҳри мукаммалгардонии қонунгузории соҳа, ёрию дастгирӣ намудани соҳибкорони ватанӣ дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва муътадилгардонии вазъи бозори истеъмолии кишвар амалӣ шуда истодаанд.

Бояд зикр кард, ки қабули чунин тағйиротро дар қонунгузории танзимкунандаи соҳа тавре амалӣ намудан лозим аст, ки он ҳамчун омили пешгирӣ, маҳдудкунӣ, қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона дар бозори умумии молҳо ва дигар кору хизматрасонӣ дар ҷумҳурӣ гардида, ба ташаккули озоди муносибатҳои бозорӣ дар асоси рушди рақобат ва соҳибкорӣ мусоидат намуда, ба вайронкунии рақобат ва талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ таҳдид накарда, пеш аз ҳама, боиси камшавии воридоти молу маҳсулот ва дигар кору хизматрасониҳо дар ҷумҳурӣ нагардад.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, қабул ва амалӣ кардани он ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба дигар қонунҳои амалкунанда тақозо накарда, танҳо пас аз қабул ва мавриди амал қарор додани он зарурати мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерсоҳавӣ ба миён меояд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ҳам дар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам кумитаҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби намояндагони вазорату идораҳо, Прокуратураи генералӣ ва олимони соҳаи ҳуқуқ мавриди муҳокимаронии бардавом қарор гирифта, ҷиддан такмил дода шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро ба баррасии шумо пешниҳод намуда, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ кунед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Кенҷаева Мунаввара Ҳодиевна дода мешавад.

**Мунаввара КЕНҶАЕВА: - Мухтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2012 таҳти №513 барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 октябри соли 2012 таҳти №1480 лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида буд.

Асоси ҳуқуқӣ ва зарурати воқеии ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» аз он иборат аст, ки вақтҳои охир арзиши маводи сӯзишвории ба ҷумҳурӣ воридшаванда мунтазам тамоюли рӯ ба болоравиро дошта, бевосита сабаби афзоиши нархи молу маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ, озуқаворӣ ва дар маҷмуъ дигар намуди кору хизматрасониҳо гардида истодааст.

Мақсад ва пешниҳоди лоиҳаи қонуни зикргардида ин аз ба низом даровардани бозори истеъмолии маҳсулоти нафтӣ ва кору хизматрасониҳои ба он вобаста, инчунин риояи қатъии қоидаҳои нархгузорӣ, пешгирии болоравии нархҳо, аз нигоҳи иқтисодию техникӣ муқаррар намудани нархҳои воқеӣ, ҳифзи манфиатҳои қонунии дигар субъектҳои хоҷагидори ватанӣ ва истеъмолкунандагон мебошад.

Лоиҳаи қонунро ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Рӯзи 23 октябри соли 2012 лоиҳаи ин қонун дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол»-ро, бо назардошти хулосаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, аз шумо, вакилони мухтарам, хоҳиш менамояд, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Фелалиев Акрамшо Саидшоевич дода мешавад.

**Акрамшо ФЕЛАЛИЕВ: - Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ, ҳозирини арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимҷон Салимзода, Амирхон Сафаров, Акрамшо Фелалиев ва Мақсуда Саматова пешниҳод шудааст.

Бояд зикр намуд, ки қонуни амалкунанда соли 1999 қабул шуда, дар солҳои 2001 ва 2005 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, ки дар айни ҳол он ба талабот пурра ҷавобгӯ нест. Аз ин лиҳоз, лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани қонуни амалкунанда ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалиро танзим намуда, барои ҳимояи сулҳ ва амният, инкишофи ҳамкории байналмилалӣ ва риояи принсипҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид мусоидат менамояд.

Шартномаҳои байналмилалӣ дар ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъмини манфиатҳои қонунии давлат нақши муҳим доранд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори иҷрои бечунучарои шартномаҳои байналмилалӣ буда, пуштибонии худро ба принсипи иҷрои софдилонаи уҳдадориҳои байналмилалӣ эълон медорад.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида аз 30 қисм ва 2 модда иборат буда, ба муқаддима ва 23 моддаи қонуни амалкунанда ворид намудани тағйиру иловаҳоро пешбинӣ менамояд, аз он ҷумла: номи бобҳо ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ гардонида шуда, номи моддаҳои 3, 4, 6, 13, ҳамчунин қисми сеюми моддаи 4, қисми сеюми моддаи 9, қисми якуми моддаи 13 ва қисми дуюми моддаи 25 дар таҳрири нав ифода карда шуданд. Ҳамзамон дар лоиҳаи қонуни мазкур илова намудани моддаи нав -моддаи $3^1$ «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ» ба қонуни амалкунанда дар назар дошта шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва қабули он аз Буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд.

Аз шумо, вакилони мухтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Сафаров Амирхон дода мешавад.

**Амирхон САФАРОВ: - Мухтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон О.Салимзода, А.Сафаров, А.Фелалиев ва М.Саматова пешниҳод шудааст, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2012 таҳти №1387 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади такмили меъёрҳо, ҳамчунин мутобиқ гардонидани муқаррароти он ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро дар маҷмуъ дастгирӣ намуда, ҷиҳати такмили он 51 таклиф пешниҳод намуданд, ки аз онҳо 32 таклиф пурра, 5 таклиф қисман қабул гардида, 14-тои дигараш қабул нагардид.

23 октябри соли 2012 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, дастгирӣ ёфт.

Лоиҳаи қонуни баррасишаванда ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, қабули он аз Буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромиқадр, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки моҳият ва зарурати қабули лоиҳаи қонуни мазкурро ба инобат гирифта, ба тарафдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул гардид. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.*

**РАИС:** -Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба аз эътибор соқит донистани Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани тасвири парчам ва аломати фарққунандаи мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Раҷабов Сафаралӣ Худоёрович дода мешавад.

**Сафаралӣ РАҶАБОВ: - Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба аз эътибор соқит донистани Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани тасвири парчам ва аломати фарққунандаи мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Мутобиқи моддаи 463 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвиру нақши парчам ва аломати фарққунандаи мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.



Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 октябри соли 2012 таҳти №1358 «Тасвиру нақши парчам ва аломати фарққунандаи мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудааст.

Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1997 таҳти №509 оиди ин масъала беэътибор дониста шавад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори зикргардидаро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қарори мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қарори пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

*Вобаста ба ин масъала Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

Масъалаи охирини рӯзномаи ҷаласа «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ шуд.

Бо пешниҳоди Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ба сифати намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номзадии муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Холов Саттор пешбарӣ шуд, ки аз ҷониби вакилон якдилона ҷонибдорӣ ёфт.

*Дар ин бора Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

# МАҲМАДСАИД УБАЙДУЛЛОЕВ ҲАЙАТИ БОНКИ УМУМИҶАҲОНИРО БА ҲУЗУР ПАЗИРУФТ

**7 ноябри соли 2012 Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев ҳайати Бонки Умумиҷаҳониро таҳти сарварии роҳбари Лоиҳаи дуюми обтаъминкунии шаҳри Душанбе ҷаноби Пйер Франческо Мантовани бо хоҳиши онҳо ба ҳузур пазируфт.**

Зимни мулоқот ҷонибҳо корҳои то ба имрӯз анҷомгирифтаро дар доираи татбиқи Лоиҳаи дуюми обтаъминкунии шаҳри Душанбе, ки тӯли панҷ сол азхудкунии 16 млн. доллар гранти бебозгашти Бонки Умумиҷаҳонӣ ва 3 млн. доллар маблағгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо дар бар гирифта, баҳри амалисозии он ширкати олмонии CES Consulting Engineers Saizgitter GmbH мушовир интихоб гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дода, ҷараёни корҳои амалигаштаи лоиҳавиро мусбӣ арзёбӣ намуданд.

Маҳмадсаид Убайдуллоев зикр намуд, ки дар марҳилаи дуюми Лоиҳаи дуюми обтаъминкунии шаҳри Душанбе тамоми потенсиали ҷонибҳо бояд баҳри расидан ба ҳадафҳои пешбинигардида - ташкили фаъолияти самараноки КВД «Обу корези Душанбе» барои кам кардани талафот ва сарфаи оби истеҳсолшуда ба василаи насби ҳисобкунакҳои обӣ, беҳбудбахшии вазъи молиявӣ ва таъмини худмаблағгузорию рушди институтсионалӣ ва худидоракунии корхона сафарбар карда шавад.

Дар ин робита масъалаи бо ҷалби маблағҳои иловагии Бонки Умумиҷаҳонӣ ва саҳмгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дарёфти манбаъҳои иловагӣ оид ба насби саросарии ҳисобкунакҳои обӣ ба кулли муштариёни КВД «Обу корези Душанбе», ки беш аз 181000 нафарро ташкил медиҳанд, мувофиқи мақсад мебошад.

-Ҳамзамон, бобати барабас нарафтани тадбирҳои амалишаванда,- зикр намуд Раиси шаҳр, - тарафҳоро зарур аст, ки ҳар чӣ тезтар нисбати ташкили системаи ҳавасмандгардонии кормандони КВД «Обу корези Душанбе» дар доираи роҳандозии фаъолияти ташаббускорона оид ба тақвият бахшидани заминаҳои молиявӣ чораҳои мушаххас андешида, барои бозомӯзии мутахассисон дар заминаи Лоиҳаи дуюми обтаъминкунии шаҳри Душанбе шароит муҳайё намоянд.

Инчунин арзиши хос доштани оби истеҳсолшавандаи нӯшокиро дар бозори хизматрасонӣ - дар истгоҳҳои обтаъминкунии КВД «Обу корези Душанбе», ба инобат гирифта, дастур дод, ки таъҷилан корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ миёни истифодабарандагони об тавассути воситаҳои ахбори омма ва институтҳои сохторию шаҳрвандӣ ҷоннок карда шавад.

Дар робита ба ташкили назорати ҷамъиятӣ ва бардоштҳои воқеӣ аз ҷараён ва натиҷаи татбиқи Лоиҳаи дуюми обтаъминкунии шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев таъкид намуд, ки бо пешниҳоди саволномаҳо дар ҳамкорӣ бо Бонки Умумиҷаҳонӣ баргузории тадқиқоти сотсиологиро миёни сокинони шаҳр роҳандозӣ намоянд.

Бо дарназардошти он ки ин тадбирҳои иловагӣ баҳри ҳимояи ҳуқуқи сокинони шаҳр бо оби ошомиданию дигар хизматрасониҳо дар соҳаи обтаъминкунию корезӣ нигаронида шудаанд, аз масъулини Бонки Умумиҷаҳонӣ хоҳиш ба миён овард, ки масъалаҳои зикргардидаро мавриди пажӯҳиш қарор дода, баҳри амалисозии онҳо пешниҳодоташонро ирсол намоянд.

***Ш. САИДОВ,***
***котиби матбуотии***
***Раиси шаҳри Душанбе***

**Адолати судӣ дар заминаи асосҳои демократӣ ба амал бароварда мешавад, ки аз моҳияту вазифаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлатӣ демократӣ ва ҳуқуқбунёд бармеояд. Ин асосҳоро принсипи адолати судӣ меноманд.**

**Суҳбати хабарнигори рӯзнома бо раиси суди ноҳияи Рашт Улфат Олимов оид ба таъмини волоияти қонун доир гардид.**

- Принсипҳои адолати судӣ, қабл аз ҳама, дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст. Таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмини адолати иҷтимоиро суд вазифаи конститутсионии худ медонад. Мо низ фаъолияти худро мутобиқи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мондаем, - мегӯяд Улфат Олимов ва суханашро идома медиҳад:

- Вақтҳои охир дар фаъолияти мақомоти судӣ дигаргуниҳо ба амал омада, мувофиқи қонунгузориҳои ҷорӣ он такмилу тақвият ёфт. Бахусус Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013 мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва мавриди амал қарор дорад. Дар асоси ин Барнома масъулияти судҳо дар иҷрои вазифаҳояшон боз ҳам баланд бардошта шудааст.

Аз ҷумла, тибқи муҳлати муқарраршуда, назорати баррасӣ намудани парвандаҳо бештар гардидааст.

Давоми ҳашт моҳи соли равон дар суди ноҳия 52 парвандаи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷиноятҳои дараҷаи хавфнокиашон миёна бештар содир мешавад. Дар ин муддат шаш парвандаи ҷиноятӣ нисбати ноболиғон баррасӣ гардид. Ноболиғон бештар ба амали номатлуби дуздӣ даст мезананд. Далелҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар таълиму тарбияи наврасон ҳанӯз камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доранд. Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон муқаррар шудааст.

Дар ин кори муҳим судҳо низ бояд саҳмгузор бошанд. Бо мақсади таъсиррасонии ҷамъиятӣ ва бо истифода аз минбари судӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар таълимгоҳҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ, маҳали зисти шаҳрвандон судҳои сайёр ва суҳбату вохӯриҳо доир менамоем. Ҷиҳати таълиму тарбияи наврасон, пешгирии содиршавии амалҳои ҷиноятӣ андешидани чунин чорабиниҳо манфиати бештар медиҳад.

Дар ин муддат дар суди ноҳия 34 парвандаи гражданӣ, 218 парвандаи оилавӣ ва 204 парвандаи маъмурӣ баррасӣ шуд.

Тавре мушоҳида гардид, теъдоди баррасии парвандаҳои оилавӣ бештар мебошад. Муроҷиатҳои бештари шаҳрвандонро ба суд масъалаҳои муқаррар намудани падарӣ ва рӯёнидани алимент ташкил медиҳанд. Ин мушкилот дар заминаи бе қайди давлатӣ ташкил намудани оила пайдо мешавад.

Ҳангоми дар чунин оилаҳо ба воя расидани кӯдак зарурати гирифтани шаҳодатнома дар бораи таваллуд ба миён меояд. Ин боиси ташвишу сарсониҳои зиёд дар ҷамъ намудан ва пешниҳод кардани асноди зарурӣ мегардад. Вобаста ба рӯёнидани алимент низ чунин мушкилот пеш меояд.



# МАҚОМОТИ СУДӢ: ТАҲКИМИ ҚОНУНИЯТ ВА АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ



Дар банди чоруми моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин омадааст: «Ҳамсарон ҳуқуқ доранд, ки тибқи муқаррароти Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон байни худ аҳдномаи никоҳ банданд».

Мутаассифона, ин муқаррароти қонун на ҳамеша риоя мегардад.

Дар бисёр ҳолатҳо хондани хутбаи никоҳ аз ҷониби домуллоро ба асос гирифта, оила барпо менамоянд. Бо ҳамин қонеъ шуда, андеша намекунанд, ки оянда оилаи ҷавонро чӣ мушкилот дар пеш аст. Рӯй додани каме носозгорӣ, душворӣ боис мегардад, ки оилаҳои ҷавон вайрон шаванд.

Ҳатто дар таҷрибаи судӣ чунин ҳолатҳо ба назар мерасад, ки домоди ҷавон аз Федератсияи Россия бо телефон талоқи зани худро медиҳад ва ҳамин кифоя аст, ки оилаи ҷавон барҳам хӯрад.

Ба муносибати панҷсолагии қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла иброз доштанд, ки дар бештари маврид омили асосии бекор шудани ақди никоҳи ҷавонон камтаҷрибагӣ дар ҳалли мушкилиҳои ҷузъии зиндагӣ мебошад. Аз ин рӯ, Сарвари давлат барои пешгирии вайроншавии оилаҳои ҷавон таҳкими таъсиррасонии ҳуқуқиро ба мақсад мувофиқ медонад.

Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки шаҳрвандон дар масъалаи оиладорӣ аз талаботи қонунгузорӣ чандон огаҳӣ надоранд. Гумон доранд, ки таври шифоҳӣ додани талоқ ҳалли ягонаи мушкилоти оилавӣ мебошад. Ҳол он ки суд барои созиш ба чунин оилаҳо муҳлат медиҳад. Дар баъзе ҳолатҳо, бахусус ҷониби домод, муҳлати қонун муайянкардаро риоя накарда, тақозои ҳар чӣ зудтар бекор намудани ақди никоҳро мекунанд.

Мутаассифона, барои бекор кардани ақди никоҳ баъзан шахсоне низ муроҷиат менамоянд, ки таҷрибаи калони зиндагӣ доранд. Ба суд шаҳрванде, ки қариб ба синни 70-солагӣ расида, соҳиби оила ва фарзандони баркамол мебошад, барои аз занаш ҷудо шудан бо ариза муроҷиат намуд.

Тақозои ӯ на танҳо ҷудо шудан, балки аз хона берун кардани занаш низ мебошад. Ҳол он ки гузоштани чунин талаб хилофи қонунгузории ҷорӣ, аз ҷумла Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар зиндагии тӯлонии якҷоя зан низ ҳамчун соҳибмулк дониста шуда, ҳуқуқ ба амвол дорад. Ба шаҳрванд чунин талаботи қонун фаҳмонида шуд.

Ҷой доштани чунин масъалаҳои баҳсӣ вобаста ба оиладорӣ нишон медиҳад, ки на ҳама ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандии худро медонанд. Вазифаи асосии мақомоти судӣ ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, таъмини адолати судӣ мебошад. Қабл аз ҳама дар ин ҷода бояд сатҳи маърифат ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошта шавад. Ин аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти судӣ ба ҳисоб меравад.

- Бо ин мақсад,- мегӯяд дар хотимаи суҳбат Улфат Олимов, - Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 таҳти № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дастуру супоришҳо, ки аз Паёми Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, асоси кори мо маҳсуб меёбад.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

● Ба пешвози 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# САҲМГУЗОРИ АСОСИИ ТАҲКИМИ ҚОНУНИЯТ



Пас аз Истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваҳои қудратталаби дохиливу хориҷӣ тавонистанд Тоҷикистонро ба гирдоби даргириҳои дохилии хунин кашанд.

Ҳокимияти иҷроия комилан фалаҷ гардида, Президенти бо роҳи умумихалқӣ интихобгардида зӯран аз вазифа ронда шуд. Мамлакат дар вартаи нобудӣ қарор дошт. Дар ин давраи тақдирсоз маҳз ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ягона мақоми конститутсионии фаъол маҳсуб меёфт, муяссар гардид, ки қувваҳои солими ҷамъиятро дар атрофаш ҷамъ кунад. Замоне ки дар пойтахт- шаҳри Душанбе гузаронидани Иҷлосияи XVI ғайриимкон буд, роҳбарияти онвақтаи Шӯрои Олӣ қарор дод, ки Иҷлосияро дар шаҳри бостонии Хуҷанд даъват намояд.

Дар баробари вакилони халқ ба Иҷлосия намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа ва минтақаҳои кишвар даъват шуда буданд.

Вақте ки оиди регламенти кор ва рӯзномаи Иҷлосия норозигӣ ба вуқӯъ пайваст, қарор шуд, ки аввал Маҷлиси намояндагони минтақаҳои ҷумҳуриро гузаронида, фикру мулоҳизаҳои аҳли илму зиё ва одамони барӯмандро шунаванд. Воқеан ҳам ин кор натиҷаи хуб дод ва ба зудӣ рӯзномаи Иҷлосия ба тасдиқ расид.

Муҳимтарин масъалае, ки онро Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд баррасӣ мекард, ин таҳким бахшидани ҳокимият ба шумор мерафт. Бо ин мақсад ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор қонунҳои мавҷуда тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Тағйироту иловаҳо ба азнавтақсимкунии салоҳияти Президент, Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирони Тоҷикистон дар робита ба вазъияти баамаломада вобаста буданд. Ҳассосияти сиёсии он давраро ба назар гирифта, муваққатан салоҳиятҳои Президент байни Раиси Шӯрои Олӣ, Шӯрои Вазирон ва Раёсати Шӯрои Олӣ тақсим карда шуд.

Бозёфти нодири Иҷлосияи XVI, ба андешаи банда, ин ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон мебошад, зеро он рӯзҳо ва солҳои минбаъда собит намуданд, ки дар музокироти байни тоҷикон, истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ шахсияти Эмомалӣ Раҳмон ва иродаи сиёсии ӯ мавқеи ҳалкунанда доштанд. Ба номбурда муяссар шуд, ки дар давоми ҳамагӣ ду сол сохтори конститутсионии мамлакатро комилан барқарор намояд.

Ба ҳам овардани тарафҳои даргир ва муроҷиат кардан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, бо мақсади пайдо кардани роҳи ҳалли мушкилот, аз ҷумлаи иқдомҳои он рӯзҳо муҳиму саривақтӣ буданд.

Маҳз бо назардошти ин амалҳои нек Иҷлосияи XVI ду санади сарнавиштсози миллатро қабул намуд. Дар навбати аввал Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳзоби сиёсӣ, ҳаракату созмонҳо тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ» қабул шуд, ки он ҳамагонро ба оромию сулҳу салоҳ даъват менамуд.

Санади дигар «Дар бораи рӯзи сулҳ ва ризоияти халқи Тоҷикистон эълон намудани 26 ноябри соли 1992» буд, ки мардумро ба тантанаи сулҳ умедвор месохт.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор шуда, роҳбарияти нави сиёсии кишварро таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон интихоб кард, бо барномаи мукаммали худ заминаҳои эҳёи миллӣ ва ташаккули давлати ҳуқуқиро ба миён овард.

Мақомоти марказии иҷроия ва сохторҳои поёнии он тавонистанд иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар ҷумҳурӣ таъмин кунанд. Дар ҳамин радиф, таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар таҳкими қонуният нақши калон дошт, зеро он дар микёси ҷумҳурӣ ва маҳалҳо имкон дод, ки якҷоя бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қонуниятро, ки пояи давлати ҳуқуқбунёд аст, мустаҳкам намояд ва тартиботи ҳуқуқиро, ки натиҷаи амалӣ гаштани қонуният аст, пойдор гардонад.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеаи муҳиме дар ҳаёти сиёсии ҷумҳуриамон буда, пас аз он марҳилаи нав дар таърихи давлатдории тоҷикон оғоз ёфт.

Давлатдорӣ, пеш аз ҳама ба волоияти қонун, фаъолияти қонунгузорӣ, иҷроия, ҳокимияти судӣ ва мақомоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ асос меёбад. Давлате, ки дар он рукнҳои номбаршуда фаъол нестанд ва ё муназзам фаъолият надоранд, давлати пойдор нест.

Бар асоси ҳамин шакли санҷидашуда Конститутсияи (Сарқонуни) нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 қабул шуд, бори аввал дар таърихи давлатдории тоҷикон принсипи тақсими ҳокимиятро ба се рукн- ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ эълон кард.

Иҷлосияи XVI ба фаъолияти ҳокимияти судии давраи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол ибтидо гузошт, зеро фаъолияти пурмаҳсули мақомоти судӣ низ аз ҳамин давра оғоз шуда, марҳила ба марҳила пеш меравад. Тақвияти низоми судӣ, татбиқи принсипҳои конститутсионӣ дар фаъолияти судҳо аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки эъмори сохти демократии давлатдориро суръат мебахшанд.

Давлати демократию ҳуқуқбунёд давлатест, ки дар он ҳифзи тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин мегардад ва демократия озодие мебошад, ки бо волоияти қонун асос ёфтааст.

Мувофиқи меъёри тақсими ҳокимият мақомоти судӣ танзимгари баҳсҳо ва мухолифатҳо буда, масъули иҷроишу таъмини принсипҳои қонунҳои амалкунанда, аз ҷумла принсипи адолати иҷтимоӣ мебошад, ки ин дар моддаи 84-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан инъикос ёфтааст.

Президенти ҷумҳуриамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин замина ба ҳокимияти судӣ чун шохаи мустақили давлат эътибори зиёд медиҳанд, аз он умеди зиёд доштани хешро доимо иброз медоранд ва таъкид менамоянд, ки мақоми ҳокимияти судӣ дар таъмини волоияти қонун хеле бузург аст.

Дар ҳақиқат ҳам, имрӯз масъулияти судҳо дар ҷамъият хеле бузург аст, зеро сатҳи инкишофи ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ ва дастовардҳои шоистаи он ба сифати кори ҳокимияти судӣ, меҳнати фидокорона, ғайрату кӯшишу ҳайати он вобастагӣ дорад.

Ҳамзамон дар давраи гузариш ба сохтори нави иҷтимоӣ, сиёсиву иқтисодӣ тарзҳои нави хоҷагидорӣ ва шаклҳои гуногуни моликият ташаккул меёбанд, ки ин омил низ равандҳои номатлуб, яъне маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ба соҳибмулкӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриву меҳнатӣ барин ҳодисаҳоро ба амал меоранд, ки дар маҷмӯъ метавонанд авзои сиёсиву маънавии ҷомеаро халалдор созанд.

Вобаста ба ин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳои ҷумҳуриро мебояд фаъолияти худро ба шароити воқеӣ созгор сохта, дар ҳалли масоили мазкур дақиқназарӣ зоҳир намоянд.

Ба мо анъана шудааст, ки ҳангоми баҳо додан ба сифати кори суд аксар вазъу натиҷаи баррасии парвандаҳои иқтисодиро камтар ба назар мегирем. Ҳол он ки омӯзишу баррасии қисме аз парвандаҳои иқтисодӣ нисбати дигар парвандаҳо мураккабтару заҳматталабанд ва он аз судяҳо донишу таҷриба ва масъулияти баландро тақозо менамояд.

Аз таҷрибаи судӣ собит мегардад, ки ҳодисаҳои поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои соҳибкорон, корхонаю муассисаҳо ва вайронкунии адолат маҳз дар соҳаи иҷтимоӣ бештар ба назар мерасад, ки ин боиси афзоиши баҳсҳои иқтисодӣ мегардад. Сарчашмаи як қисми ҷиноятҳо низ маҳз аз ҳамин ҳолатҳо маншаъ мегирад.

Дар ин самт баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳияву қабул ва ҷонибдории як қатор қонунҳо ҳамчун омили таҳрикдиҳанда саҳми муассир доранд.

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи ислоҳот ва тақозои ҷомеаи муосир, фаъолияти худро роҳандозӣ карда, кӯшиш менамояд, ки ҳадафҳои муайяннамудаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар амал татбиқ созад.

***Вайсиддин ФАТҲУДДИНОВ,***
***муовини раиси Суди***
***Олии иқтисодии***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**Ноҳияи Данғара калонтарин мавзеи ғаллакори ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, деҳқоннонаш имсол ғаллаи фаровон ба даст оварда бошанд ҳам, дастовардҳои сокинони ноҳия дар дигар соҳаҳо низ давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ шоён ва қаноатбахшанд.**

Данғара ноҳияи агросаноатӣ буда, рушди он ба тараққиёти соҳаи кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Бинобар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо мақсади оқилона истифода бурдани замин, афзун намудани ҳосилнокии зироат ва дар ин замина зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ пайваста кӯшиш менамояд. Дар натиҷа, давоми нуҳ моҳи соли 2012 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама категорияҳои хоҷагидорӣ 428 миллиону 205 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 108 фоиз зиёд мебошад.

● Ҷамъбаст ва натиҷаҳо

# ДАНҒАРА: ДАСТОВАРДҲО ШОЁН ВА ҚАНОАТБАХШ

Деҳқонон соли ҷорӣ дар майдони 41836 гектар кишт гузарониданд, ки 34691 гектарашро ғалладона ва лӯбиёгӣ, 4676 гектарашро зироати техникӣ, аз ҷумла 3355 гектар пахта, 323 гектар картошка, 819 гектар сабзавот, 870 гектар полезӣ ва 457 гектар зироати хӯроки чорво ташкил медиҳад.

Давоми нуҳ моҳ дар ноҳия 5307 тонна гӯшт, 12389 тонна шир, 13 тонна пилла, 406 тонна пашм, 43 тонна асал, 12795 тонна сабзавот, 15617 тонна полезиҳо, ба миқдори зиёд меваҷоту ангур истеҳсол шудааст.

Махсусан дастоварди ғаллакорон хеле чашмрас аст. Ба онҳо муяссар шуд, ки беш аз 93160 тонна ғалладонагӣ ҷамъ оваранд.

Бо назардошти он ки дар ноҳия истеҳсоли меваю сабзавот ва шир ҳамасола зиёд мешавад, таъсиси якчанд корхонаҳои коркардро мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маркази ноҳия ва ҳудуди ҷамоатҳои деҳот ба нақша гирифтааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ низ афзоиш ёфта, маблағи умумии он 167 миллиону 352 ҳазор сомониро ташкил намуд. НБО-и «Сангтӯда-1» ва НБО-и «Сангтӯда-2», ки дар қаламрави ноҳия воқеанд, 1644,9 млн. кВт/соат неруи барқ, корхонаҳои хурду миёна 320 тонна нахи пахта, 11281 тонна орд ва 251 тонна равғани растанӣ истеҳсол карданд.

Сохтмони иншооти таъиноти гуногун давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ хеле вусъат ёфт. Бунёди хонаҳои истиқоматӣ барои омӯзгорони мактаби президентӣ, мактаб барои 320 нафар хонанда дар деҳаи Калкот, мактаб барои 585 нафар хонанда дар деҳаи Ҳусейншайх, филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар шаҳраки Данғара, беморхонаи минтақавӣ дар маҳаллаи 6-уми шаҳраки Данғара, биноҳои маъмурии театри драмавӣ, шуъбаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, бинои нозироти андози ноҳия ва маркази назорати давлатии санитарию эпидомологӣ, таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе- Кулма, қитъаи Душанбе-Данғара, навбати ниҳоии Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2», ҳамчунин аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ сохтмони якчанд иншооти ҳозиразамон босуръат давом дорад.

Дар ноҳия ба таъсиси ҷойҳои нави кор ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ диққати махсус медиҳанд. Давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ нуҳ ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ гузаронида, 2255 ҷойи нави кор таъсис шудааст. Ба барқарор кардани саломатии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда ва нафақахӯрон таваҷҷуҳ зиёд аст.

Муассисаҳои маориф ва тандурустии ноҳия фаъолияти намунавӣ ва мунтазам доранд, барои рушди онҳо маблағҳои кофӣ равона шудааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо мақсади иҷрои талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» барои пешгирии фаъолияти ғайриқонунии гурӯҳҳои таълимӣ дар маҳалҳо, ҷалби ноболиғон ба таълимоти динии ифротгароӣ дар масҷидҳо, баргардонидани ҷавонони дар донишгоҳҳои хориҷи кишвар ғайрирасмӣ таҳсилдошта ва ба шуғл фаро гирифтани онҳо, пурзӯр намудани фаъолияти комиссияҳои доимӣ ва ҷамъиятӣ дар ноҳия, назорати баргузории маъракаҳо, пешгирии қонуншиканиҳо чора ва тадбирҳои зарурию самарабахш меандешад.

Маҷлиси вакилони халқи ноҳия низ дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқ саҳми муносиб мегузорад. Аз шиносоӣ бо маводи иҷлосияҳои Маҷлиси вакилони халқ маълум шуд, ки вакилони халқ давоми соли охир масъалаҳои муҳими ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ марбутро мавриди муҳокима қарор додаанд. Рафти иҷрои қарори раиси ноҳия оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи ҳолати корхонаҳои саноатии ноҳия ва роҳҳои беҳтар намудани фаъолияти минбаъдаи онҳо оид ба рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2005 «Дар бораи Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015», «Татбиқи «Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2012», «Дар бораи ҳолати истифодабарии самараноки замин ва бунёд намудани боғҳои нав ва барқароркунии боғу токзорҳои кӯҳна дар партави Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, «Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва як қатор масъалаҳои муҳими дигар дар иҷлосияҳои Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Данғара амиқ баррасӣ шудаанд.

Аз мулоқоти кӯтоҳу самимие, ки бо раиси ноҳияи Данғара Маҳмадулло Сайдалиев доштам, аён шуд, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия баҳри ҳар чӣ зудтар ҷамъоварӣ намудани ҳосили расонидаи деҳқонон, омодагӣ ба фасли сармо, боз ҳам мустаҳкам намудани иқтидори иқтисодӣ ва ҳалли муваффақонаи масъалаҳои иҷтимоӣ самаранок фаъолият менамояд.

***Абдулмаҷид МУРОДОВ,***
***«Садои мардум»***

● Бардошт аз тантанаҳо

# ПАЙИ ҚАДАМИ НЕК

**Маросими кушодашавии нақби «Шаҳристон» ва тантанаҳои он дар варзишгоҳи марказии шаҳри Истаравшан дар сатҳи баланди сиёсиву ташкилӣ доир гардид. Хабарнигори «Садои мардум» дар вилояти Суғд Ҳусейни Назрулло бо чанд тан аз шоҳидони ҳол ҳамсуҳбат шуд:**

***Раззоқбердӣ РАҲИМБЕРДИЕВ- корманди масъули Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон*:**

-Ифтитоҳи нақби «Шаҳристон» яке аз дастовардҳои бузурги даврони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аст. Мо хурсанд аз он ҳастем, ки ба шарофати Истиқлолияти кишвар ва саъю кӯшишҳои пайгиронаи Сарвари давлатамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ободонию созандагӣ бо суръати тез ҷараён дорад.

Мегӯянд, ки «роҳҳо пайвандгари дилҳо» мебошанд. Кушодашавии нақбҳои «Истиқлол» ва «Чормағзак», сохтмони шоҳроҳҳои Душанбе-Чанок, Душанбе- Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, Душанбе-Турсунзода, инак поён ёфтани бунёди нақби «Шаҳристон» боиси хурсандии тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад. Маросими кушодашавии нақби «Шаҳристон», ки бо иштироку суханронии Сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт, дар сатҳи баланд ташкил гардида, дар он зиёда аз 17 ҳазор нафар сокинони вилояти Суғд, аз ҷумла зиёда аз 6 ҳазор бошандагони ноҳияи мо иштирок доштанд. Ҳарчанд кам-кам борони барфолуд мебориду ҳаво чандон хуб набуд, аз чеҳраҳои мардум хандаву табассум дур набуд.

Ҳамагон хурсанд аз он буданд, ки як самти дурнамои рушди кишвар- аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани Ватани азизамон иҷро гардид. Ба ин васила Шоҳроҳи бузурги Абрешим аз нав барқарор шуд. Ифтитоҳи роҳҳо, сохтмони нақбҳо ва аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадани кишварамон, пеш аз ҳама аҳамияти сиёсӣ, ғайр аз ин, манфиати калони иқтисодӣ дорад. Аз тарафи дигар, рафтуомади сокинони ҷанубу шимоли кишвар дар чаҳор фасли сол бемалол шуд. Вақти тайкарда камтар, ба ҳам расидани мардум тезтар мешавад. Ба шарофати нақби «Шаҳристон» ноҳияи мо ҳам хеле ободу зеботар гардид. Ба ду тарафи роҳ нигаред, чандин биноҳои наву зебо, муҳташаму назаррабои хизматрасониву маишӣ аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ бунёд ёфтанд ва оянда боз зиёдтар мешаванд. Ба ҳамин восита дар ноҳияҳои кӯҳистон низ соҳибкории хурду миёна боз ҳам ривоҷ меёбад.

**Муҳаммадшариф ШАРИФОВ- сокини шаҳраки «Зафаробод» -и ноҳияи Зафаробод:**

-Бо иштироки Сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кушода шудани нақби «Шаҳристон» боиси ифтихори ҳар шаҳрванди Тоҷикистон аст. Муҳим он аст, ки бо сабаби мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани ин иншооти ҳаётан муҳим тамоми минтақаҳои Ватани азизамон ба ҳам пайваст шуданд. Ин нақб барои баланд бардоштани иқтидори иқтисодии кишварамон низ хизмати босазо хоҳад кард. Нархи роҳкирои мошинҳо хеле арзон шуд. Ронандагон сӯзишвории зиёдро сарфа карда, аз нигоҳи тармиму таҷдиди мошинҳо, харидории қисмҳои эҳтиётӣ низ хеле фоидаи калон ба даст меоранд. Равуои мошинҳо бештар гардида, воридшавии молу маҳсулот афзоиш меёбад. Ин боиси боз ҳам ривоҷ ёфтани созандагию бунёдкорӣ дар кишвар мешавад.

**Абдуваҳҳоб ҚАЮМОВ- раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати шаҳри Истаравшан:**

-Дар ҳамин лаҳзаҳои хурсандибахш дил мехоҳад, ки чанд сухан дар ситоиши Сарвари давлатамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки марди оқилу доно, ҷасуру тавоно ва ғамхори халқ ҳастанд, бигӯям. Дар урфият мегӯянд, ки ободӣ хайру барака меорад. Ба шарофати Сарвари давлатамон ва қадами мубораки он кас дар Тоҷикистонамон ҳар рӯз ва ҳатто ҳар соат тағйироту дигаргуниҳои ҷиддиро мебинем. Беҳуда намегӯянд, ки «Шоҳ агар одил бошад, мулк обод мешавад». Мардуми меҳнатқарину намакшиноси шаҳри Истаравшани бостонӣ аз ин инсони нек дучанд миннатдор мебошанд. Мо имрӯз ҳам шукуҳу шаҳомат ва файзу баракати тантанаҳои 2500-солагии Истаравшанро фаромӯш накардаем. Пас аз даҳ соли ин воқеаи бузург тантанаҳои кушодашавии нақби «Шаҳристон» ҳам дар шаҳри мо доир шуд. Нақбе, ки ба истифода дода шуд, орзуи чандинасраи мардуми тоҷик буд ва боз чандин орзуҳои афсонавии халқамон танҳо ба шарофати Истиқлолият ва роҳбарии Президентамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар шуд. Эмомалӣ Раҳмон имрӯз азизкардаи хурду калони кишварамон мебошанд. Ҳар вохӯрию мулоқотҳои он кас, ки зуд-зуд сурат мегиранд, мардумро рӯҳбаланд карда, ба ободкориву созандагиҳои дигар мерасонад.

***Сайфулло МАҲКАМОВ-хабарнигори ҳафтаномаи «Инсон ва Қонун» дар вилояти Суғд*:**

-Ҳангоме ки аз нақби «Шаҳристон» мошинсавор баромадани Президенти кишварамонро дидам, беихтиёр аз дидагонам ашки шодӣ ҷорӣ шуд. Ёд дорам, ҳанӯз 60 сол муқаддам ҳамагӣ ҳафтсола будаму ҳамроҳи падару модар ва чанд тан аз хешу таборонамон ба шаҳри Сталинобод (ҳозира Душанбе) ба воситаи ағбаҳои Шаҳристону Анзоб савори автомашинаи боркаши «Полуторка» дар зарфи чор шабу панҷ рӯз расида будем, зеро роҳҳо камбару борик ва хеле хатарнок буданд.

Дар солҳои минбаъдаи замони шӯравӣ ин роҳ каме васеъ гардид ва таъмир шуд. Вале шикофтани синаи кӯҳ ва сохтани нақб дар хаёли касе ҳам набуд. Ба назарам, ин ҷо шахсият нақш бозид.

Маҳз ба шарофати Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси роҳбари нави Давлату Ҳукумати кишвар ақлу хирад, донишу тавоноӣ ваояндабинии Президенти кишварамон чунин кори мушкилу дандоншикан иҷро шуд.

Тақрибан як моҳ пештар ман тавассути мошини кирокаши «Мусо» ба Душанбе рафта омадам. Ронандаи он бисёр чаққон будааст, маро аз пойтахти кишвар то шаҳри Хуҷанд дар зарфи чор соат овард. Акнун тасаввур кунед, ки ба шарофати нақби «Шаҳристон» вақти рафтуомади роҳи Душанбе – Хуҷанд боз якуним соат кам мешавад ва ронандаҳои бо дасту бозу минбаъд моро аз Хуҷанд ба Душанбе дар 2,5 соат хоҳанд расонид. Ба шарофати мавриди баҳрабардорӣ қарор ёфтани нақби «Шаҳристон» дар шаҳри Истаравшан варзишгоҳе барои ҳаждаҳ ҳазор ҷойи нишаст бунёд шуд, ки он ҳам бо дастуру ҳидояти ин марди тавоно, пешвои асри XXI тоҷикони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт. Шумо тасаввур кунед, ки дар тамоми вилояти Суғд ба истиқболи 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 100 иншооти бузургу муҳташами тавлидотию хизматрасонӣ, фарҳангию маишӣ қомат афрохта истодааст.

Мардум бар он ақидаанд, ки Сарвари давлатамон пайи қадами нек доранд. Ҳар ҷое, ки ин шахси бузург пой мегузоранд, он ҷо ободу зебо мегардад. Як чизи дигарро ман зикр карданиам. Қудрати Парвардигорро бинед, ки саҳарӣ дар Шаҳристон ҳаво хеле сард буд. Бегоҳӣ бошад, дар шаҳри Истаравшан ҳавои бебориш ва пурситора шуд. Ин ҳам аз қадами неку мубораки Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон аст. Қадами неку мубораки Президенти кишвар ба ҳар як шаҳру вилояти Тоҷикистон муборак бошад.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

**Пешгирӣ аз ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонон айни замон яке аз мавзуъҳои доғи рӯз ба шумор меравад. Дар ин самт чӣ чораҷӯйиҳо ва тадбирҳо андешида мешаванд? Вобаста ба ин мавзуъ хабарнигори мо бо котиби Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Далер Алиев ҳамсуҳбат шуд.**

# Шумораи ноболиғони ҷиноятпеша меафзояд

- Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансур фаъолияти худро, пеш аз ҳама дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №377 аз 1 августи соли 2008 «Дар бораи таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак», инчунин дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондааст. Дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе таҳти № 127 аз 13 марти соли 2009 «Дар бораи таъсис додани Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар шаҳри Душанбе» комиссияи мазкур ташкил ёфт. Ҳамзамон ин бо Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо байни ноболиғон ва ҷавонони ноҳия, иборат аз ҳашт нафар, дар асоси Низомнома дар бораи «Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо байни ноболиғон ва ҷавонони ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаъолият дорад, - гуфт Далер Алиев.

Аз идомаи суҳбат бо мусоҳибам маълум шуд, ки имрӯзҳо суҳбату чорабиниҳо оид ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ва профилактикӣ баҳри ҳифзи ҳуқуқи ин категорияи аҳли ҷомеа гузаронида шуда истодаанд. Дар давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ комиссияи мазкур ҳафт маротиба ҷаласа доир намудааст. Дар соли хониши 2012-2013 аз рӯйи маълумотномаҳои пешниҳоднамудаи директорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия муайян гардидааст, ки 59 нафар хонандаи мактаб дар қайди дохилимактабӣ ва шаш нафар дар қайди зершуъбаи кор бо ноболиғони ШКД-и ноҳия қарор доранд.

Боиси ташвиш аст, ки содир шудани ҷиноят аз тарафи ноболиғон имсол нисбат ба соли гузашта бештар шудааст. Чунончӣ, санаи 26 сентябри соли ҷорӣ ҳангоми гузаронидани чораҳои фаврӣ-ҷустуҷӯйӣ аз ҷониби кормандони мақомоти Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Шоҳмансур бо гумони авбошӣ ноболиғон Иқболов Ҳамид, Ғиёсов Давлат дастгир шуд. Зикршудагон дар кӯчаи С. Айнӣ тартиботи ҷамъиятиро вайрон намуда, бо санг шишаҳои троллейбусро зада шикастанд. Онҳо бо ин рафтори ношоистаашон ба Муассисаи нақлиётии шаҳри Душанбе зарари моддӣ расонидаанд. Доир ба содир шудани ин ҳодиса парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ омода шудааст.

Давоми соли ҷорӣ дар ҳудуди ноҳияи Шоҳмансур аз тарафи 30 нафар ноболиғ дар 53 ҳолат ҷиноят содир шудааст, ки аз ҷумлаи содиркунандагони он 28 нафарашон писарон ва 2 нафарашон духтарон мебошанд.

Тавре ҳамсуҳбатам зикр кард, ҳоло даври дуюми гузаронидани вохӯриву мулоқотҳо дар муассисаҳои таълимии ҳудуди ноҳия бо хонандагон, омӯзгорон, волидайн оид ба пешгирии қонуншиканиҳо дар байни ноболиғон идома дорад. Тадбир ва чораҳои андешидашуда, пеш аз ҳама ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» равона шудааст.

***Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,***
***«Садои мардум»***



Маъракаи обуна ба рӯзномаю маҷаллаҳо барои соли 2013 дар ноҳияи Рашт муташаккилона идома дорад. Кормандони муассисаи алоқаи почтаи ноҳия шароит фароҳам овардаанд, ки муштариён ба рӯзномаю маҷаллаҳои дӯстдоштаашон обуна шаванд.

Тавре аз суҳбат бо сардори муассисаи алоқаи почтаи ноҳия Шарифҷон Қараев маълум шуд, шумораи муштариён ба рӯзномаи «Садои мардум» дар ноҳия зиёд мешавад. Дар назар аст, ки теъдоди онҳо аз 700 нафар бештар хоҳад шуд.

**ДАР СУРАТ: сардори муассисаи алоқаи почтаи ноҳия Шарифҷон Қараев (аз рост дуюм) бо кормандон Х.Ҷангиев, С.Азизова ва С.Ниёзова рафти қабули обунаро муҳокима доранд.**

***Суратгир М. РИЗВОНОВ***

## Мавзуна пероҳани арӯсӣ ба бар кард

Дар тарабхонаи «Анаҳито»-и шаҳри Кӯлоб маросими хонадоршавии барандаи медали биринҷии Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012 Мавзуна Чориева баргузор гардид. Мавзуна ҷавонеро ҳамсари ҳаётии хеш пазируфт, ки дар ибтидои фаъолияти варзишиаш маҳз бо ӯ муштзанӣ мекарду дар ниҳоят ба қуллаҳои баланди мақсад расид. Навхонадоронро ба ин рӯзи фаромӯшнашаванда раиси шаҳри Кӯлоб Абдуғаффор Раҳмонов, як гурӯҳ варзишгарон ва пайвандону наздикон табрик гуфта, ба онҳо зиндагии хуррамона ва дастовардҳои баланди варзиширо орзу намуданд.

***Т.ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***

## Саноат рушд меёбад

Давоми нуҳ моҳи соли 2012 корхонаҳои саноатии ноҳияи Зафаробод ба маблағи 48 миллиону 909 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки ин баробар ба 133,4 фоизи нақша ё ба маблағи 12 миллиону 233 ҳазор сомонӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад. Бино ба гуфтаи мудири шуъбаи рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафаробод Фаррух Розиқов, фаъолияти корхонаҳои пахтатозакунӣ ва равғанбарорӣ қобили зикр мебошад. Аз ҷумла корхонаҳои пахтатозакунӣ 2630, 6 тонна нахи пахта, 4373, 4 тонна пунбадона истеҳсол намуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад. Корхонаҳои равғанбарорӣ бошанд, 309,9 тонна равғани растанӣ, 1848, 2 тонна кунҷора истеҳсол намудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 65 ва 584,4 тонна зиёд мебошад.

***Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

## ВКД хабар медиҳад

### «Ошиқ»-и гарданбанди тиллоӣ

Аз ҷониби кормандони мақомоти Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Сино-2 шаҳри Душанбе Орифҷон Маҳмадшарипов, сокини пойтахт, бо гумони ғоратгарӣ дастгир шуд. Номбурда моҳи сентябри соли ҷорӣ дар назди Беморхонаи сироятии шаҳри Душанбе бо тариқи зӯроварӣ аз гардани шаҳрванд Кибриё Нозимова як адад гарданбанди тиллоӣ, ки арзишаш 300 доллари амрикоӣ мебошад, тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезанад. Худи ҳамон моҳ ӯ дар ҳавлии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №95-и шаҳри Душанбе аз гардани шаҳрванд Равшана Рӯзиева як адад гарданбанди тиллоӣ, ки арзишаш 800 сомониро ташкил медод, иҷборӣ тасарруф менамояд. Ҳамин тавр, ӯ дар ҳавлии боғчаи бачагонаи №98 аз гардани шаҳрванд Зулфия Эралова як адад гарданбанди тиллоиро бо арзиши 350 сомонӣ канда мегирад.

Акнун ин «ошиқ»-и ҷавоҳирот, ки ҳадафи ҳамлаи ӯ танҳо занон буданд, барои кирдорҳои ҷинояткоронаи худ дар назди қонун ҷавоб хоҳад гуфт.

### Ноболиғони ғоратгар

Ба мақомоти Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Турсунзода шаҳрванд Олим Паянов муроҷиат намуда, арз кард, ки 12 октябри соли 2012 тахминан соати 18 дар ақиби чойхонаи «Саёҳат»-и шаҳри Турсунзода 5-6 нафар шахсони номаълум бе асос ӯро латукӯб карданд. Сипас, бо зӯроварӣ аз дохили ҷайбаш як адад телефони мобилии тамғаи «Нокия» ва 93 сомонӣ пули нақд, ҷамъ маблағи умумии 288 сомониро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд.

Ҳангоми гузаронидани чораҳои фаврӣ- ҷустуҷӯйӣ ноболиғон Ҳошимҷон Обидов соли таваллудаш 1998, хонандаи синфи 8-уми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1, Амраҷон Исломов, соли таваллудаш 1996, хонандаи синфи 10-уми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №101, Садриддин Ғиёсов, соли таваллудаш 1996, маълумоташ миёнаи нопурра, Аҳлиддинзоди Сироҷиддин, соли таваллудаш 1995, хонандаи литсейи касбӣ- металлургии шаҳри Турсунзода, Шариф Қирғизов соли таваллудаш 1997, хонандаи синфи 9-уми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1 ҳамчун гумонбар дар ғоратгарӣ дастгир шуданд.

### Қаллобӣ ба маблағи махсусан калон

Ҳангоми гузаронидани чораҳои фаврӣ-ҷустуҷӯйӣ аз ҷониби кормандони мақомоти Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Истаравшан муайян карда шуд, ки Анвар Султонов бо роҳи фиреб ба боварии Икром Зиёев даромада, аз ӯ 1000000 рубли Федератсияи Россияро гирифта, ба эҳтиёҷоти худ сарф намудааст. Инчунин аз соли 2007 то моҳи декабри соли 2011 Анвар Султонов бо Икром Зиёев соҳибкории якҷоя бурда, бо роҳи фиреб ба бовариаш даромада, аз ӯ 1500000 рубли русӣ мегирад. Аз рӯйи ин ҳодиса парвандаи ҷиноӣ оғоз гардида, тафтиш идома дорад.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

● Шарҳи Қонун



**5-уми сентябри соли равон Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таҳрири нав қабул намуд, ки он 14 сентябр аз ҷониби Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ гардид. Қабул ва ҷонибдорӣ гардидани ин ҳуҷҷати муҳим аз рӯйдодҳои муҳим маҳсуб ёфта, баҳри рушд ва густариши иқтисодиёти кишвар заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Лозим ба таъкид аст, ки лоиҳаи ин ҳуҷҷати муҳим, ки аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод шудааст, дар коргоҳи қонун – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии амиқу ҳамаҷониба қарор гирифта, дар ин замина хеле такмил ёфт.**

**Бо мақсади огоҳӣ ёфтани хонандагони рӯзнома аз моҳияти Кодекси андоз дар таҳрири нав аз узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту молия Сафаралӣ Гулов, ки дар таҳриру такмили он саҳми бевосита дорад, хоҳиш намудем, ки онро мухтасар шарҳ диҳад.**

# ТАКМИЛИ КОДЕКС АЗ ДАРХОСТҲОИ ИНТИХОБКУНАНДАГОН МАНШАЪ ГИРИФТААСТ

Мавсуф минҷумла зикр намуд, ки заминаи асосии лоиҳаи Кодекси пешниҳодшударо Кодекси амалкунанда ташкил медод. Лоиҳаи фавқуззикр дар ҳама кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки вакилон, мутахассисон ва соҳибкорон аз 16 то 30 август мавриди баррасӣ қарор дошт. Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки дар ин муддат барои такмили ин ҳуҷҷати муҳим 326 таклифу эрод ироа гардид. 30 август бо иштироки муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев ҷаласаи васеъ баргузор гардида буд, ки дар он намояндагони Ҳукумати ҷумҳурӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ширкат доштанд. Зимни баргузории ин ҳамоиш аз 326 таклифу дархости пешниҳодшуда 233 – тоаш қабул, 62 – тоаш қисман қабул гардида ва 31 – тоаш қабул нашуд. Овардани далели мазкур ба он хотир аст, ки то аҳли ҷомеа ба нодуруст будани андешаҳои аз ҳақиқати воқеӣ фарсахҳо дури баъзе ба ном «коршиносон» оиди фаъолияти мақоми олии қонунгузори кишвар муътақид гарданд.

Умуман, ба рафти муҳокимаи лоиҳаи Кодекси нави андоз вазорату идораҳо, корхонаю ташкилотҳо ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ мароқ зоҳир ва зиёда аз 4000 таклифу дархост пешниҳод намуданд. Қисми зиёди онҳо ба ҳуҷҷати муҳим ворид шуданд.

Ба суоли мо бобати бартариҳои Кодекси андоз дар таҳрири нав посух гуфта, ҳамсуҳбатам аз ҷумла гуфт, ки дар он нисбат ба Кодекси амалкунанда шумораи умумии моддаҳо аз 355 ба 329 – то, шумораи истинодҳо аз 384 адад ба 176 адад коҳиш ёфтааст. Дар ҳамин радиф, номгуйи андозҳо аз 21 намуд ба 10 намуд кам шуд. Гуфтан бамаврид аст, ки шурӯъ аз моҳи январи соли 2017 ин шумора ба нуҳ намуд хоҳад расид. Андозҳои умумидавлатӣ аз 17 номгуйи мавҷуда ба 8 адад ва миқдори андозҳои маҳаллӣ бошад, аз ҳашт ба чор ихтисор шуд.

Ҷиҳати муҳими дигари Кодекси андоз дар таҳрири нав, ба андешаи Сафаралӣ Гулов, ин коҳиш ёфтани эъломияҳои андозӣ то 41 фоиз, шумораи ҳисоботи андозӣ то 86 фоиз ва миқдори умумии пардохтҳои андозӣ то 43 фоиз маҳсуб меёбад. Аз он ки тағйироти фавқуззикр хеле густурда ва ҷиддист, мо аз номбурда дар кадом асос рӯйи кор омаданашонро пурсон шудем. Маълум гашт, ки чунин иқдомот дар заминаи аз номгуйи андозҳо хориҷ намудани андоз аз фурӯши чакана, пардохтҳои ҳатмие, ки дар Кодекс ба танзим даровар да намешаванд, ба монанди боҷҳои давлативу гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, муттаҳид намудани андозҳои ба ҳамдигар монанд (андози замин бо андоз аз молу мулки ғайриманқул, андози фурӯш бо андоз аз коркарди молҳо, андозҳои истифодабарандагони қаъри замин бо роялти барои об, андоз аз фоида бо андози ҳадди ақал аз даромадҳо) эътироф намудани низоми андози соддакардашуда ва андози ягона барои соҳибкории хурд амалӣ гаштаанд. Дар маҷмӯъ, агар Кодекси андоз дар таҳрири навро бо Кодекси амалкунанда муқоиса намоем, маълум мегардад, ки дар Кодекси нав 25 тағйироти аз лиҳози моҳият хеле муҳим вобаста ба сиёсати андоз ва даҳ тағйироти асосӣ дар робита ба маъмурикунонии андоз ворид шудааст.

Омили муҳими дигар, ки барои соҳибкорони мамлакат хеле муҳиму саривақтист, ин аз қонунгузории андоз тамоман хориҷ намудани андоз аз фурӯши чакана ва андози ҳадди ақал аз даромадҳо мебошад.

-Агар гӯем, ки Кодекси андоз дар таҳрири нав дар самти рушду тавсеаи бахши соҳибкорӣ дар мамлакат такони ҷиддӣ хоҳад гашт, муболиға нахоҳад буд, -мегӯяд Сафаралӣ Гулов, зеро тибқи муқаррароти он барои соҳибкории хурд озодкунӣ аз андози арзиши иловашуда пешбинӣ шуда, истифодабарии нишондиҳандаҳои омории ҳаҷми маоши миёнаи кормандон бо мақсади дақиқтар намудани андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ бекор гардидааст. Дар ҳамин росто, низоми имтиёзноки коркарди пурраи нахи пахта ба дигар номгуйи маҳсулоти коркардшавандаи кишоварзӣ, аз қабили пашм, пӯст ва ғайра низ дахл хоҳад дошт. Тибқи муқаррароти Кодекси нав дар назар аст, ки давоми солҳои 2015-2017 меъёри андози фоида аз шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи як фоизи дигар кам карда мешавад. Аз замони мавриди амал қарор гирифтани Кодекси нав меъёри пасттарини андоз аз даромад, ки ҳашт фоиз муқаррар шудааст, дар ҳолати аз 100 сомонӣ то 140 сомониро ташкил додани ҳаҷми даромад истифода мешавад.

Нуктаи дигари хеле муҳими ин ҳуҷҷат озод намудани воридоти тамоми намуди таҷҳизот, технологияи ҳозиразамон ва чорвои хушзот аз ҳама намуди андоз ва пардохтҳои гумрукӣ маҳсуб меёбад, - мегӯяд Сафаралӣ Гулов. - Иқдоми мазкур ба мақсади дастгирии молистеҳсолкунандагони дохилӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонӣ ва кор дар дохили кишвар амалӣ шудааст.

Ҳамчунин дар Кодекси нав тағйироти ҷиддии маъмурикунонии андоз пешбинӣ шуда, он истифодаи васеи таҷҳизоти компютерӣ ва ташкили махзани маълумоти электрониро дар бар мегирад. Чунин тарзи кор боис мегардад, ки эъломия ва ҳисоботи гуногуни андозӣ кам гардад. Дар ҳамин радиф, истифодаи усули идораи хавфҳо шароит фароҳам меорад, ки андозсупорандагони бомасъулият таҳти санҷиш ва шаклҳои дигари назоратии мақомоти андоз қарор нагиранд.

Аз Сафаралӣ Гулов бобати муқаррароти Кодекси нав доир ба яке аз масъалаҳои доғи рӯз – ҳабси амволи ташкилоту корхонаҳои аз андоз қарздор пурсон шудам. Аз суханони мавсуф бармеояд, ки доир ба ин масъала хеле сабукиҳо дода шудааст. Масалан, тибқи талаботи моддаи 76 – уми Кодекси нав ҳабси моликияти ташкилотҳои давлатӣ манъ ва барои ҳабси иншооти иҷтимоию маишӣ маҳдудият ворид шудааст.

Дар маҷмуъ, дар ин Кодекс зиёда аз 240 имтиёз пешбинӣ гардидааст, ки эҳтимолияти кам гардидани даромади буҷети давлатиро ба вуҷуд меорад. Яъне, маблағҳои аз ҳисоби кам гардидани пардохтҳои андозӣ сарфагардида, барои рушди ташкилоту муассисаҳо ва некуаҳволии шаҳрвандон мусоидат хоҳад кард. Агар тариқи мухтасар рисолати Кодекси андоз дар таҳрири навро бозгӯйӣ намоем, метавон гуфт, ки он бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар мамлакат тавассути бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ, таъмини шаффофияти раванди андозбандӣ, оммафаҳм ва содда намудани тартиби пардохти андозҳо, баҳисобгирии пурраи манбаъҳои андозбандӣ, пешгирӣ намудани ҳолатҳои рӯйпушкунии андозҳо ва дар ин замина зиёд намудани қисми даромади Буҷети давлатӣ равона гардидааст, - гуфт дар анҷоми суҳбат вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Гулов.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

● Дар мавзуи муҳим

# АНГИШТИ ШӮРООБОД БОСИФАТ АСТ,

## агар вай дуруст истихроҷ гардад

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама баромадҳои хеш табиати Тоҷикистони азизро бо ифтихор кишвари биҳиштосо ном мебарад. Ин тавсифи воқеан ҳам арзандаву олӣ, шояд барои бархе аз гурӯҳ бетафовут бошад, вале барои фарзандони огоҳназару равшанзамираш, чун рӯзи равшан айён аст.

Ин сатрҳоро менависаму як тавсияи 20 сол қабл додаи як тан аз роҳбарони воқеан ҳам хирадманду дурандеши собиқ вилояти Кӯлоб Султон Мирзошоев ба хотирам мерасад:

-Писарам, акнун соҳибистиқлол шудем, аммо тавре мебинем, мушкилиҳои он, аз қабили нарасидани маводи сӯхт ва дигар намуди сӯзишворӣ, думболагирамон шудааст. Хуб мешуд, дар боби ин мушкилот чизе нависед…

Баъдтар фаҳмидам, ки мақсади ин роҳбари оқил тавассути матбуот бедор кардани афкори омма, дар хусуси коркард ва мавриди истифода қарор додани захираҳои табиии кишвар аст. Он вақт кам сарвароне буданд, ки дар остонаи Истиқлолияти кишвар пайи ҳар чӣ зудтар ба иктишофи сарватҳои зеризаминиамон шуруъ намудан талошу андеша мекарданд.

Вобаста ба чӣ миқдор захираҳои дар ихтиёрдоштаамон боварӣ ҳосил намудан танҳо ба ҳудуди имрӯзаи навоҳии минтақаи Кӯлоб назаре афкандан кофист. Мебинем, ки дар ҳудуди ноҳияҳои Восеъ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кони газ ва захираи беинтиҳои намаки ошӣ, дар ноҳияи Ховалинг кони тилло, дар Балҷувон кони нафту газ, дар ноҳияи Темурмалик обу лойи шифобахши табобатӣ, дар мавзеи Саргазони ноҳияи Данғара захираи фаровони газ, дар ноҳияи Фархор захираи нафт ва ниҳоят дар ноҳияи Шӯрообод ду кони ангишт ва боз чанд кони баҳисобгирифтаи тилло мавҷуд аст.

Акнун тавре ишора кардем, дар ҳудуди минтақа ҳамин миқдор захираҳои пурарзиши табиӣ, бахусус нафту газ ва ангиштсанг, вуҷуд дораду аммо сад афсӯс, ки истифодаи самараноки он хеле нокифоя мебошад. Маҳз натиҷаи ҳамин омилҳост, ки то ҳол истеҳсоли намаки оширо бо ҳамон усули бобоӣ ба роҳ мондаему аз беҳунарию ноуҳдабароиҳоямон фаъолияти кони гази Хоҷа Сартез чанд сол боз қатъ гаштааст. Ё худ ба ҳамин монанд беш аз 20 сол инҷониб мо дигар имкону ғайрати ба гардиш даровардани чархаи манораҳои чоҳкобии мавзеи Хоҷамӯъмини ноҳияи Восеъ ва Самончии ноҳияи Фархорро надорем. Ҳатто маҳаллаеро дар маркази ноҳияи Восеъ, ки «Геологҳо» ном дошту дар он маҳалла садҳо оила мутахассисони баландихтисоси соҳа ва коргарони оддӣ кору зиндагӣ мекарданд, номашро иваз кардем. Акнун дар он макони замоне обод, танҳо чанд тан аз ашхоси солхӯрдаи ин соҳаи муҳим зиндагӣ мекунанду халос. Пас, чӣ бояд кард, то аз ин сарватҳои Худододи табииамон таври зарурӣ истифода намоем?

Барои ба ин суол посух гуфтан лозим донистем фаъолияти Корхонаи ангишти Саринамаки ноҳияи Шӯроободро таҳлил намоем. Тавре дар боло ишора кардем, дар ҳудуди имрӯзаи ноҳия ду кони ангишт-кони фаъоли Саринамак ва кони Оҳангарони мавзеи Дашти Ҷум мавҷуд аст. Кони ангишти Саринамак, ки шакли кушодаро дорад, маҳсулоташро сокинони минтақа беш аз 20 сол боз истифода менамоянд. Гоҳе зимни суҳбатҳо аз баъзе истифодабарандагон мешунавем, ки ангишти Шӯрообод чандон сифати хуб надорад. Дар бисёр мактабҳо худ шоҳиди ҳол будем, ки сарваронашон аз мушкил сӯхтани он шикоят мекарданд.

- Ман ҳамасола масъули гурӯҳи зимистонгузаронӣ дар муассисаҳои таълимии навоҳии минтақаи Кӯлоб ҳастам. Ҳоло ҳам дар анбори як қатор таълимгоҳҳо ангишти истифоданашудаи солҳои қаблии аз ноҳияи Шӯрообод дастрасшуда мавҷуд аст, ки масъулони хоҷагӣ дар истифодаи он душворӣ мекашанд,- мегӯяд сардори бахши минтақавии Раёсати маорифи вилояти Хатлон Эмомалӣ Сайдамиров.

Вобаста ба ин мавзуи пайгирифта зарурат пеш омад бо даҳҳо кормандони хоҷагии мактабҳо, сарварони онҳо, мудирони шуъбаҳои маориф ва масъулони зинаҳои гуногун ҳамсуҳбат шавем. Ин мушоҳидаву вохӯриҳо моро ба хулосае расонид, ки оид ба сифати ангишти ин корхона то ба ҳол ҳеҷ гуна хулоса ва андешаи ягона вуҷуд надорад. Яъне, дар ҷое сифаташро тавсиф мекунанду дар ҷойи дигар шикоят аз мушкил сӯхтани он менамоянд. Мо аз сарвари тозаинтихоби корхона Акбархон Акрамхонов воқеияти ин ҳолро пурсон шудем.

- Кони ангишти Саринамак шакли кушода дорад, -мегӯяд мавсуф. - Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми истихроҷ, яъне дар вақти тоза кардани қабати болоии ангишт аз ҳар гуна ҷинсҳои кӯҳӣ, бояд эҳтиёткору бодиққат бошем. Натиҷаи камаҳамиятии солҳои қаблӣ, шояд сабаби дар баъзе таълимгоҳҳои минтақа боқӣ мондани маҳсулоти корхона гаштааст. Алҳол мо баҳри ҷалби таваҷҷуҳи харидорон, дар навбати аввал бобати беҳбудӣ бахшидани сифати маҳсулот андеша дорем. Бо ин мақсад мо ба корхона таҷҳизоти муосири истеҳсоли хитойӣ оид ба коркарди маҳсулотро ворид сохтем ва аз ин пас ангишти дар шакли саноатӣ истеҳсолшударо ба савдо мебарорем. Ҳоло ба ин тарз 200 тонна маҳсулот истеҳсол намудем, ки ба дараҷаи аъло месӯзад.

Аз суҳбат бо сарвари корхона ва дигар масъулони ноҳия маълум гардид, ки барои фаъол кардани корхона як қатор мушкилотро ҳал намудан лозим меояд. Чунончӣ, мебинем, сарфи назар аз фаъолияти бистсолаи он, ҳоло ҳам корхона соҳиби техникаю таҷҳизоти зарурӣ нашудааст. Дар ҳар мавсим булдозеру экскаватор ва техникаҳои боркашониро бо усули иҷора дастрас намуда, ангишт захира менамоянд.

Аз кон то макони захираи маҳсулот 15 километр роҳ аст, ки мутаассифона, тахту ҳамвор нест. Дар навбати аввал ин роҳро барои истифодаи доимӣ мувофиқ кардан лозим меояд. Мушкилоти роҳ сабаби шаш моҳ аз фаъолияти истеҳсолӣ бозмондани корхона мегардад.

Муовини раиси ноҳия Асо Шокиров иллати рушд накардани корхонаи ангиштро дар зуд-зуд иваз гардидани роҳбарони он аз ҷониби Вазорати энергетика ва саноат арзёбӣ намуд, ки мо низ зимни пайгирии мавзуъ воқеияти ин андешаро хуб эҳсос намудем. Мебинем, ки ин сарварон пас аз таъин шуданашон манфиатҳои шахсии худро аз манфиатҳои корхона боло гузошта, рушди корхонаро дуюмдараҷа меҳисобанд. Ба қавли сарвари нави корхона, ҳар кадоме баъди аз вазифа рафтан бо худ ин ва ё он техникаҳои нави бо маблағи корхона харидашударо бурда ё ки онро бо техникаҳои кӯҳнаи корношоями камиқтидор иваз мекунанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки манфиатхоҳии ин қабил роҳбарон, воқеан ҳам сабаби дар ҳамон ҳолати қаблӣ қарор гирифтани корхона шудааст. Ҳол он ки барои рушди корхона шароити хеле мусоиду муносиб вуҷуд дорад. Масалан, баҳри дастрас намудани ангишт барои зимистонгузаронӣ ҳамасола миллионҳо сомонии мактабҳою муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва сокинони он берун аз вилоят меравад. Чунончӣ, баҳри захираи ангишт барои зимистонгузаронии муассисаҳои соҳаи маорифи вилоят дар соли равон беш аз чор миллион сомонӣ ҷудо шудааст. Агар аз ҷониби Корхонаи ангишти ноҳияи Шӯрообод ин миқдор маблағ аз худ мегардид, яқин, ки вазъи имрӯзаи он дар ҳолати ногувор қарор намегирифт. Ҳол он ки роҳбари имрӯзаи корхона А. Акбархонов роҳи асосӣ ва ягонаи беҳ гаштани вазъи молӣ ва ба шакли корхонаи воқеӣ расидани онро дар дастгирӣ аз ҷониби Ҳукумат медонад. Албатта, андешаи мазкур дар сурати мавҷуд будани имкони Ҳукумат хуб аст, аммо дар мавриди тағйир наёфтани рафтору амал ва муносибати роҳбарони он ба амволи ҷамъиятӣ гумон аст, ки корхона рушду камол ёбад.

### Чанд андеша барои хулоса

Ба қавли аврупоиҳо, одам қабл аз дӯст доштану хӯрдани гӯшти бомаззаи моҳӣ бояд сайд намудани онро омӯзад. Агар ин маъниро содда карда гӯем, сиёсати замони шӯравӣ ба мо усули хӯрдани моҳиро нишон доду тарзи шикорашро не. Ниҳоят натиҷаи ин сиёсат боиси он гардид, ки имрӯз аксар баҳри бардоштани манфиати осони бедарди миён, пайи дастрасу фурӯхтани маводи сӯхти тайёри аз берун воридшуда, даҳҳо нуқтаҳои хуштарҳи замонавии фурӯш месозанду аммо сад афсӯс, ки аз уҳдаи идомаи парма кардани чоҳҳои нафту гази дар замони шӯравӣ шуруъгашта ва пешкаши харидорон намудани маҳсулоти он намебароянд.

Пас, бо чунин вазъ то замоне ки истиқлолияти комили энергетикиро соҳиб шуда натавонем, муҳтоҷию дастнигарӣ, торикию сардӣ ва силсилаи мушкилоти дигар думболагирамон хоҳад буд.

***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***

● Дар суҳбати раиси Ҷамоат

# ОБИ ГАРМ – ШАҲРАКИ КУРОРТӢ



**То шаҳраки Оби Гарм роҳ тахту ҳамвор аст, аммо ҳоҳнохоҳ дурии роҳ касро хаста мекунад. Вале, ҳамин ки ба ин шаҳраки ободу хуррам ворид шуда, аз мошин мефароед, аз ҳавои тозаю дидани манзараҳои сабзу хуррами он якбора хастагиатон рафъ мешавад. Дар ин ҷо сари шоҳроҳи калони Душанбе-Хоруғ осоишгоҳи машҳури Оби Гарм ҷойгир аст. Дар паҳлуи чапи он бошад, идораи Ҷамоати шаҳраки ҳамноми он.**

**Бо раиси Ҷамоати шаҳраки Оби Гарм вохӯрдем, ӯро як инсони хоксору шахси фарҳангӣ ва самимӣ дарёфтам. Абдухолиқ Ҷойлобов хатмкардаи факултаи химия ва биологияи Донишкадаи омӯзгорӣ (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) буда, 24 соли умри хешро сарфи пешаи омӯзгорӣ кардааст. Баъдан, ӯро аввал котиб ва соли 2009 раиси ҷамоат интихоб мекунанд. Вай аз оғози бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» хотираҳои аҷоиб дорад:**

**-Вақте муаллими ҷавон будам, соли 1976 моро ба мавзеи бунёди сохтмони НБО-и «Роғун» бурданд. Он рӯз вазири энергетикаи СССР В. Непорожний омада буд ва хишти аввали сохтмонро гузошт. Аввалин сардори сохтмон Виктор Яковлевич Ненахов таъин шуд. Ҳоло яке аз кӯчаҳои шаҳраки Оби Гарм ба номи ӯст. Бунёди ин шаҳрак низ аз ҳамон сол шурӯъ гардид. Имрӯз шаҳраки Оби Гарм дорои биноҳои хуштарҳу замонавӣ, дӯкону мағозаҳо ва дигар муассисоти хизматрасонии маишист. Ҳамин тавр, суҳбати мо дар бораи имрӯзу фардои шаҳрак ҷараён гирифт.**

**-Мухтарам раис, мушоҳида мешавад, ки дар шаҳрак кори зиёди ободонӣ анҷом меёбад…**

-Бале, аслан мо бояд ҳамавақт аз пайи ободонӣ бошем. Шукри даврони тинҷию осудагӣ, ки барои созандагӣ шароит муҳайё гардидааст. Маъракаи навбатии ободонии мо ба ҷашни 20-умин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад. Воқеан, ин Иҷлосия барои рушду тараққиёти минбаъдаи кишварамон ва корҳои созандагӣ асос гузошт. Имсол ба ифтихори ин ҷашни таърихӣ як ошхона ва меҳмонхонаи миллӣ, як нуқтаи шустушуи мошинҳо, ҳаммом, дорухона, мағозаи либосҳои мактабӣ, ду нуқтаи хизматрасонии диллерӣ сохта ба истифода дода шуд. Дар корҳои ободонӣ моро Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун дастгирӣ менамояд ва ҳамзамон саҳми соҳибкорони баору номуси диёр низ хеле калон аст. Масалан, айни ҳол бо ҳиммати соҳибкорон-бародарон Саидмурод, Саидхуҷа ва Саидҷон Қиёмиддиновҳо сохтмони як маркази савдо ва хизматрасонӣ дар арафаи анҷомёбист. Инчунин соҳибкорон-бародарон Исмоил, Саидшариф Зарифовҳо ва Раҳматуллоҳ, Исматуллоҳ Шолчаевҳо низ чунин марказҳо бунёд мекунанд. Ҳоло дар ҳудуди ҷамоати шаҳрак чор мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 11 мактаби ибтидоӣ, як мактаб-интернат барои бачагони болаёқат, як хонаи кӯдакон, як китобхона, 18 масҷиди панҷвақта ва як масҷиди ҷомеъ, ду беморхона, се бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаҳои зиёди хизматрасонии савдо ва маишӣ мавҷуд аст.

**-Оби Гарм шаҳраки курортист. Вазъи имрӯзаи муассисаҳои табобатӣ ва осоишӣ чӣ гуна аст?**

-Ҳоло дар ин ҷо панҷ осоишгоҳ мавҷуд аст. Ин муассисот, ки барои истироҳат ва барқарор намудани саломатии одамон муқаррар шудааст, ҳамеша серодаманд. Ба ин осоишгоҳҳо аз тамоми минтақаҳои кишвар ва хориҷа меҳмонон меоянд. Ин, албатта, масъулияти моро барои тозаю обод нигоҳ доштани шаҳрак дучанд мегардонад. Дар ин робита як мушкилоте мавҷуд аст, ки гумон мекунам, зикри он айни муддаост. Албатта, барои ободу озода нигоҳ доштани шаҳрак мо кӯшиш мекунем, мунтазам ҳашарҳо ташкил менамоем, вале ин нокифоя аст. Зарурат ба миён омадааст, ки дар назди ҷамоати шаҳрак як муассиса ё идораи коммуналӣ таъсис дода, бо техникаи зарурӣ таъмин карда шавад ва бояд коргарони махсуси ин идора мунтазам ба ободонӣ ва кабудизоркунӣ машғул бошанд. Дар ин бора мо ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун муроҷиат карда, пешниҳод намудем. Худо хоҳад, он дастгирӣ меёбад.

**- Зимистон ҳам фаро мерасад. Шумо ба фасли сармо чӣ гуна омодагӣ гирифтаед?**

-Омодагиҳоро мо барвақт сар кардем. Пеш аз ҳама дару тирезаҳо, синфхонаҳои таълимгоҳҳо аз таъмир баровarda шуд. Мактабҳо бо печка таъмин гардиданд. Барои зимистонгузаронӣ қариб 200 тонна ангишт ва 30 метри мукааб ҳезум захира шуд. Ду мактаби марказии шаҳрак доимӣ бо барқ таъмин буда, синфхонаҳои он ба воситаи плитаҳои барқӣ гарм карда мешаванд. Беморхонаи минтақавӣ (дорои 75 кат) ва беморхонаи касалиҳои сироятӣ (дорои 25 кат) низ тавассути плитаҳои барқӣ гарм карда мешаванд. Бунгоҳҳои тиббӣ бошад, бо 6,5 тонна ангишт ва 7,5 метри мукааб ҳезум таъмин шуданд. Мувофиқи маълумоти мо, имсол ҳар як оила ба ҳисоби миёна ду-се тоннагӣ ангишт харидорӣ ва захира кардаанд. Дар маҳаллаи Сари Пулак нуқтаи доимии фурӯши ангишт фаъолият мекунад. Хоҷагиҳои чорводорӣ ба қадри 5 ҳазору 757 тонна хошок захира намуданд.

**-Албатта, дар ҳама маҳалҳо, шаҳру деҳот мушкилоти ҳалталаб зиёданд ва мардум дар ин ҳолат ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ муроҷиат мекунанд. Дар ин бобат кор дар шаҳраки шумо чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?**

-Дар ин робита бамаврид аст зикр намоям, ки аҳолии шаҳраки мо ва деҳоти ба он вобаста 100 ҳазору 48 нафарро ташкил медиҳад. Ба идораи мо қариб ҳамарӯза шаҳрвандон муроҷиат мекунанд ва кормандону мутахассисони мо ҳамеша омодаи хизматанд. Илова бар ин, рӯзҳои шанбе рӯзи махсуси қабул дорем. Давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ 31 аризаи хаттӣ ва 41 муроҷиати шифоҳӣ ворид гардидааст. Мардум асосан оид ба масъалаҳои ёрии моддӣ, таъмини об, таъмири роҳҳо, баҳсҳои ҳамсоядорӣ ва оилавӣ муроҷиат мекунанд.

**-Дар ҳудуди шаҳрак маъракаҳо чӣ тавр мегузаранд?**

-Табиист, ки ин аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки мо ба он таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир менамоем. Вобаста ба ин, ҷиҳати иҷрои қонунҳои марбута бо мардум корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад. Давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ 16 суҳбату мулоқот баргузор гардид. Дар рафти корҳои фаҳмондадиҳӣ ва танзими расму анъанаҳо дар ин давра се ҳодисаи қонуншиканӣ пешгирӣ шуд. Тӯйҳои навҷавонон, хатнасур ва маъракаҳои азодорӣ бо тартиби муайяншуда гузаронида мешавад.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

● Мусоидат ба шуғл

# Бекорон бозомӯзӣ ва бо ҷойи кор таъмин шуданд

## Чунин ашхос аз қарзҳои имтиёзнок ва кӯмакпулӣ барои бекорӣ низ баҳравар мебошанд

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират аз сохторҳои калидии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва тадриҷан ташаккул ёфтани бозори меҳнат саҳми муносиб дорад.

Бино ба иттилои аз ин ниҳод дастрасшуда, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 61079 нафар шаҳрванд муроҷиат намуда, 35935 нафари онҳо ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуданд ва ба 24183 нафар расман мақоми шахси бекор дода шуд. Бо татбиқи чорабиниҳои гуногун дар маҷмӯъ 18761 нафар шаҳрванд бо ҷойи кор таъмин гардид. Аз ҷумла ба воситаи ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) 1515 нафар ва тавассути ташкили корҳои инфиродӣ 1553 нафар соҳиби ҷойи кор шуд. Дар асоси шартномаҳои тарафайн бо корхонаву ташкилотҳо 3103 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ ва 8346 нафар дар марказҳои таълимии касбии мақомоти шуғли аҳолӣ ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуд. Ба 3824 нафар, бинобар аз даст додани ҷойи кор, то се кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт гардид. Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи манбаи зикршуда, аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҷумҳурӣ тӯли ин муддат 77681 ҷойи кори нав таъсис шудааст. Бо мақсади мусоидат барои дарёфти ҷойи кори муносиб ба шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ дар ин давра 300 ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шуда, 2431 нафар корҷӯён дар ин ярмаркаҳо соҳиби ҷойи кор гардиданд, ба 1910 нафар роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуд ва 498 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардид.

Мувофиқи «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012» таъсис додани 121351 ҷойи нави кор пешбинӣ шуда буд. Тайи нимсолаи аввали соли ҷорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар миқёси ҷумҳурӣ 77681 ҷойи нави кор таъсис шуд, ки 65,0 фоизи дурнамои барномаро ташкил медиҳад.

Таҳлил гувоҳӣ медиҳад, ки аксари ҷойҳои корӣ дар соҳаи савдо, хӯроки умумӣ ва таъминоти моддию техникӣ, кишоварзӣ ва сектори хусусӣ таъсис дода мешаванд. Дар дигар соҳаҳо ин раванд аз 4 то 18,3 фоизро ташкил медиҳад.

Дар фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ба ҳайси яке аз чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғл нақши муҳим дорад. Аз ин хотир, аз оғози соли ҷорӣ Нақшаи чорабиниҳо оид ба гузаронидани ярмаркаҳои соҳавӣ ва минтақавии ҷойҳои кори холӣ аз ҷониби Агентии мазкур таҳия ва мавриди амал қарор дода шудааст. Аз ҷумла дар ВМКБ 25, вилояти Суғд 82, вилояти Хатлон 146, шаҳри Душанбе 10 ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 37 чунин чорабиниҳо ташкил ва баргузор гардид. Дар ин ярмаркаҳо 3577 корхонаю муассиса иштирок намуда, ба корҷӯён 64404 ҷойи кори холӣ пешниҳод намуданд. Дар маҷмуъ, тавассути ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ дар шаш моҳи соли равон 4839 нафар шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд.

Дар ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ пешниҳоди маълумот аз ҷониби корфармоён оид ба ҷойҳои кори холии мавҷуда нақши муҳим дорад. То охири моҳи июни соли ҷорӣ аз ҷониби корхонаю ташкилот ва муассисаю хоҷагиҳо ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 12246 ҷойи кори холӣ пешниҳод шуд.

Тавре маълум аст, музди миёнаи меҳнати аз ҳама баланд ба соҳаи сохтмон рост меояд. Дар дигар соҳаҳо музди миёнаи меҳнат дар ҳудуди аз 190 то 500 сомонӣ аст, ки қобили таваҷҷуҳи корҷӯён нест ва маҳз аз ҳамин сабаб ҳар моҳ ба ҳисоби миёна то 10 ҳазор ҷойи кори холӣ ишғол намешавад.

Яке аз иқдомоти наҷибе, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ амалӣ менамояд, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба шаҳрвандони бекор аст. Ба ин мақсад тавассути раёсат ва шуъбаҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ВМКБ ба 309 нафар чунин ашхос ба маблағи 748965 сомонӣ, дар вилояти Суғд ба 401 нафар дар ҳаҷми 1013806 сомонӣ, дар вилояти Хатлон ба 351 нафар ба андозаи 1081991 сомонӣ, дар шаҳри Душанбе ба 88 нафар ба маблағи 416800 сомонӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 394 нафар шаҳрванди бекор дар ҳаҷми 1275283 сомонӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ қарзҳои хурди имтиёзнок пешниҳод шуд.

Тибқи нишондоди «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013» соли ҷорӣ ба 3000 нафар шахсони бекор таъин ва пешниҳоди қарзҳои хурди имтиёзнок пешбинӣ шуда буд. Дар муқоиса ба нақшаи асосии Барномаи фавқуззикр тӯли нимсолаи аввали соли ҷорӣ ин нишондиҳанда 51,7 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2011-ум 206 нафар ва ҳаҷми қарзи имтиёзноки ба онҳо додашуда 1024267 сомонӣ зиёд аст.

Соли ҷорӣ тавассути мақомоти маҳаллии Агентӣ барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ ба 727 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 2222875 сомонӣ, барои пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ ба 526 нафар шахсони бекор ба андозаи 1345944 сомонӣ ва барои пешбурди фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ ба 300 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 968025 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд.

Бояд зикр намуд, ки шабакаи муассисаҳои системаи таълими калонсолон дар назди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бо дастгирии бевоситаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва бо мақсади ба талаботи бозори меҳнат ва сохтмонҳои муҳими кишвар омода намудани бекорон, ҳамзамон баҳри мутобиқ намудани малакаи касбӣ ва дониши ҳуқуқию фарҳангии муҳоҷирони меҳнатӣ таъсис шудаанд. Гуфтан бамаврид аст, ки дар заминаи Муассисаи давлатии «Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон» ва филиалҳои он 5538 нафар, марказҳои таълимӣ 938 нафар, Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази касбомӯзию соҳибкорӣ» 868 нафар, Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази таълимии омӯзиши модулии шаҳри Душанбе» ва филиалҳои он 543 нафар, Маркази иҷтимоию соҳибкорӣ 354 нафар ва ба воситаи дигар муассисаҳои таълимӣ 84 нафар шаҳрванди бекор ба омӯзиш ҷалб шуд.

Дар маҷмӯъ, 32289 нафар шаҳрванди бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ фаро гирифта шудаанд.

Ҳамин тавр, масъалаҳои танзиму густариши бозори меҳнат, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ дар самти мусоидат ба шуғл мадди назари доимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ қарор дошта, бо таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва роҳандозии шаклу усулҳои нави хизматрасонӣ ҳалли мушкилоти мавҷуда тадбирҳо тадриҷан амалӣ мешаванд.

***Д. АБДУЛЛО, «Садои мардум»***

● Дар ҳошияи дастурҳои Президент

# Академияи радио ва телевизион таъсис меёбад

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ҷаласаи ботантана дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнии шаҳри Душанбе ба муносибати «100 -солагии матбуоти тоҷик» (10 марти соли 2012), аз ҷумла пешниҳод намуд, ки Маркази миллии аудиовизуалии телевизион, радио ва кино ба Академияи телевизион ва радиои Тоҷикистон табдил дода шавад. Дар ин робита хабарнигорони мон ба сарвари Маркази номбурда Мунира Раҳимова бо чанд суол муроҷиат карданд:**



**- Мунира Мамадҷоновна, зарурати ба миён омадани чунин пешниҳодро шумо чӣ гуна арзёбӣ менамоед?**

- Телевизиону радио ҳамчун воситаҳои ахбори омма дар бобати амалисозии сиёсати дохилию хориҷии кишвар дар ҷумҳуриамон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар раванди давлатдориву ҷомеасозӣ нақши муассир бозид. Замони нав ва фазои озоду ҷомеаи демократӣ арзишҳои нави умумибашариро пешорӯй овард. Дар зарфи 21 соли Истиқлолият Тоҷикистоне, ки пеш ҳамчун гӯшаи бунбасти коммуникатсионӣ эътироф гашта буд, ба дигаргуниҳои куллии иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ соҳиб шуд. Охири асри XX, ки асри иттилоотӣ ба шумор мерафт, Роҳбари давлат ва ҷомеаро водор сохт, ки ба густариши ин соҳа таҷдиди назар намояд. Ҳамин хел ҳам шуд. Дар Тоҷикистони тозаистиқлол теъдоди шабакаҳои телевизиону радиои давлатию ғайридавлатии мустақил ба 57 адад расид.

Бо пешниҳод ва дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз як шабакаи телевизионӣ чор шабакаи нав бо самту вазифаҳои тоза рӯйи кор омад. Бо сарварии раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асадулло Раҳмонов ва заҳмати зиёди ҳамкасбон Шабакаи якуми Телевизиони Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина», Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» ва Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон -Баҳористон» арзи ҳастӣ намуданд. Инчунин Шабакаи якуми радиои Тоҷикистон, «Садои Душанбе», радиои «Овози тоҷик» ва «Фарҳанг» ташкил шуд. Ҳаҷми пахши барномаҳои телевизион, ки дар давраи Шӯравӣ ҳамагӣ ҳашт соатро ташкил медод, ҳоло ба телевизиони рақамӣ табдил дода шуда, он тӯли шабонарӯзӣ, 24 соат пахш мегардад.

**-Табиист, ки барои фаъолият дар ин воситаҳои муҳими ахбори омма мутахассисони болаёқату дорои донишҳои замонавӣ лозиманд…**

-Бале, тамоми ин даргоҳҳои таблиғотии давлат ба мутахассисони баландкасб эҳтиёҷ доранд. Инчунин, агар он пешравиҳо, дигаргунсозиҳои ҷаҳонӣ ва бархӯрди сиёсату фарҳанги ҷаҳониро ба назар гирем, мусаллам мегардад, ки мо бояд дар радифи арзишҳои умумиинсонӣ қадам занем.

**–Кормандони радио ва телевизион дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ барои takмили ихтисос ва сайқали донишу маҳорати касбӣ ба Тошканду Маскав мерафтанд. Ҳоло чӣ?**

-Ҳоло мо 21-умин солгарди Истиқлолияти давлатиамонро ҷашн гирифтем. Яъне, дастовардҳои мо дар ҳама соҳаҳо бо заҳмати худамон ва арзишҳои миллӣ эҷод мегарданд. Пас, воситаҳои ахбори омма ҳамчун ҷузъи таркибии ҷомеаи навин инъикосгар ва ифодакунандаи арзишҳои миллии давлату халқ дар мамлакат ва арсаи ҷаҳон ба шумор меравад. Маҳз ҳамин рисолат бар дӯши кормандони болаёқату соҳибкасб гузошта шудааст. Воқеан, аксарияти кормандони эҷодиро ҳоло ҷавонон ташкил медиҳанд ва онҳо дар марказ аз собиқадорони соҳа, профессорону олимон дарси касбият ва сабақ меомӯзанд. Телевизиону радио соҳаи мураккаб аст ва бо ихтисосҳои гуногун фаро гирифта шудааст. Бо вуҷуди он ки дар ин боргоҳи ҳунар соле қариб то 300 нафар донишҷӯён таҳсили илму маҳорати муосирро аз бар мекунанд, фикр мекунам, ки он ба талаботи давру замони ҳозира пурра ҷавобгӯй нест, зеро ҳоло завқи тамошобину шунаванда хеле баландтару гуногун гаштааст. Онҳо аз ҳама пешравиҳо тариқи шабакаҳои интернетӣ огаҳ ҳастанд. Дар чунин вазъ бояд телевизиону радиои ҷумҳурӣ дар ташаккули арзишҳои миллӣ, ҷаҳонбинӣ, тарбияи одами нав, худогоҳӣ, эҳсоси ватандорӣ ва эҳёи фарҳанги куҳан нақши муассир дошта бошад. Ин, албатта, вазифаи ифтихорӣ, вале хеле бомасъулият мебошад. Маҳз таъсиси Академияи телевизиону радио дар хусуси тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо бахри пешбурди ҷомеа, ҳифзу ҳимояи манфиатҳои миллӣ метавонад мақоми бориз дошта бошад.

**- Ба фикри шумо захираҳои истифоданагардида боз кадомҳоянд, ки дар ҳалли он оянда Академияи радио ва телевизион саҳмгир бошад?**

- Заминаи моддию техникӣ бояд пурқувват гардонида шавад. Аз ҷумла Академияи радио ва телевизион дар баробари кормандони собиқадор, бо муаллимон, утоқҳои муҷаҳҳази лингвистӣ, гурӯҳи эҷодии наворбардорӣ бояд таъмин бошад. Ҳамкорӣ бояд бо кормандони донишкадаҳои ҷумҳурӣ ва бурунмарзӣ вусъат дода шавад. Ин имконият медиҳад, ки аз байни донишҷӯён истеъдодҳои нодир дарёфт шавад. Ба андешаи банда, Академияи радио ва телевизион муассисаи таълимию истеҳсолӣ шуданаш лозим, ҳатман он студияи наворбардорӣ доштанаш зарур. Азбаски имконияти молиявии ин муассиса мустақил мегардад, аз ин лиҳоз метавонад мутахассисони даркориро аз донишкадаҳои давлатҳои мутараққию ба мо дӯст даъват намояд, ки он боиси баланд шудани сифати барномаҳо хоҳад гашт.

Дар ҳар сурат мо аз дастгирии доимӣ, ғамхориҳои Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят шукргузорем. Ман андеша дорам, ки аз ҳар ҷиҳат ҳаёту фаъолияти рӯзноманигорон, бахусус кормандони телевизиону радио бо ғамхориҳои моддию молиявӣ ва маънавӣ ҳамеша фарогиранд. Дастури додашудаи эшон оид ба таъсиси Академияи телевизиону радио минҷумлаи онҳост.

**-Дар самти таъсиси Академия кадом тадбирҳои мушаххас анҷом ёфтааст?**

-Таъсиси Академия чорабиниҳои иловагиро талаб менамояд. Сарфи назар аз ин, бояд гуфт, ки роҳбарияти Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо шуъбаҳои дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи сохтори Академияро омода сохта, ҳафт бахши он ва теъдоди кормандонро, ки қариб аз чил нафар иборатанд, муайян ва муқаррар сохтаанд. Ҳоло охирин корҳои тадорукотӣ анҷом меёбад. Худо хоҳад, мо самараи кори Академияроояндаи наздик дар экрани телевизиону барномаҳои радиои ҷумҳурӣ баръало эҳсос хоҳем кард. Умедворем, ки ниятҳои неки мо натиҷаи нек меорад.

*Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум», Н. ТИЛЛОЗОДА, рӯзноманигор*




## Ширкат дар ҳамоиши ҷаҳонӣ

<u>ДУШАНБЕ. (Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)</u> Аз 8 то 18 ноябри соли ҷорӣ дар шаҳри Бангкоки Тайланд Ассамблеяи генералии Иттифоқи нобиноёни ҷаҳонӣ баргузор мешавад. Аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ин ҳамоиши бонуфуз танҳо ду нафар (аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон) даъват шудаанд. Аз кишвари мо раиси ташкилоти Ҷамъияти нобиноёни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Холмаҳмад Тенгниев дар он ширкат меварзад.

–Ман тайи солҳои 2004-2008 узви Кумитаи иҷроияи Иттифоқи нобиноёни ҷаҳонӣ будам. Инак, бори сеюм аст, ки ба сифати вакил дар ҷаласаҳои он иштирок мекунам. Дар ҷаласае, ки рӯзи 13 ноябр баргузор мешавад, дар мавзӯи «Иваз намудани афкори ҷомеа нисбати ашхоси имконияташон маҳдуд» маърӯза мекунам,- гуфт пеш аз сафар ба Тайланд Х. Тенгниев.

## Корхонаҳои нав ифтитоҳ ёфтанд

<u>ИСФАРА. (Мирзо НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»)</u> Чанде пеш дар шаҳри Исфара ду корхонаи нави хурди истеҳсоли гилмоя ва гаҷи сохтмонии ҶММ «Ороиш» ва ҶММ «Агроимекс» бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба истифода дода шуд. Ба шарофати он 11 нафар аз сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд. Бо кушодани сехҳои нави истихроҷи қуму шағал аз тарафи ҶММ «Агроимекс» иқтидори истеҳсолии корхона ба 15 ҳазор метри мукааб расида, шумораи коргарон низ зиёд мешавад.

## Чорводорон ба зимистон омодагӣ диданд

<u>БАЛҶУВОН. (Муҳаммади ШОҲ)</u> Бинобар сабаби он ки зимистони соли гузашта сарду сербарф омад ва зиёда аз 50 сар чорвои хоҷагии деҳқонии «Айниддин», воқеъ дар деҳоти «Тоҷикистон»-и ноҳияи Балҷувон, талаф ёфт, аъзои хоҷагӣ барои гузаронидани зимистони имсола тайёрии хубу пухта диданд. Саройи хоҷагӣ, ки дарозиаш 30 метрро ташкил медиҳад, пурра аз таъмир бароварда, барои хӯроки тирамоҳу зимистони чорво 35 тонна хошоки дурушт тайёр карда шуд.

-Ҳавои мусоид ва табиати ҳамешасабзи ноҳияи Балҷувон барои парвариши чорво мусоиду мувофиқ аст. Дар ин ҷо ҳар хоҷагие, ки ба чорводорӣ машғул шавад, манфиату баракат меёбад. Хоҷагии мо дар ихтиёри худ 102 гектар чарогоҳ, техникаи зарурӣ, 90 сар чорвои калон, 60 сар асп ва 170 сар моли майда дорад. Мо ният дорем, ки дар оянда фермаи говҳои дӯшойӣ ташкил карда, хоҳишмандонро бо маҳсулоти ширӣ таъмин намоем,- гуфт роҳбари хоҷагии номбурда Қайюм Хушвахтов.

## Хонаҳои нав барои зарардидагон

<u>РАШТ. (Мирзосафар РИЗВОНОВ)</u> Тавре маълум аст, 13 майи соли ҷорӣ бар асари заминларза дар ноҳияҳои Рашт, Тавилдара ва Нуробод даҳҳо манзили истиқоматӣ ва хоҷагии ёрирасон вайрону валангор гашта буд. Баъд аз ду рӯзи ин ҳодиса Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба минтақаи Рашт сафар карда, аз ҳолати воқеӣ бохабар гашт ва дастур дод, ки барои барқарор намудани манзилҳои истиқоматии аҳолӣ ва ҷуброни зарарҳои дигар тадбирҳои фаврӣ андешида шавад. Инак, тибқи ин дастур, аз ҷониби Агентии давлатии захираҳои моддии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон се хонаи истиқоматӣ дар деҳоти «Қалъаи Сурх» ва ду хонаи дигар дар деҳоти «Ҳиҷборак» сохта, ба истифода дода шуд. Ин хонаҳо бо иштироки раиси ноҳияи Рашт С. Абдураҳмонов ва муовини директори Агентии давлатии захираҳои моддии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Зиёдуллоев ба зарардидагон тақдим гардид.

## Ҷойҳои нави корӣ муҳайё шуд

<u>Суғд. (Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»)</u> Дар вилоят ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ эътибори ҳаматарафа дода мешавад. Чунончӣ, дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 88 корхонаи нави хурду бузург ба фаъолият шурӯъ намуд, ки дар натиҷа 2423 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд. Ҳамчунин ҷиҳати баланд бардоштани музди меҳнати кормандон, муҳайё намудани шароити хуби корӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Агар дар ҳашт моҳи соли гузашта маоши миёнаи кормандони соҳаи саноат 597,1 сомониро ташкил дода бошад, имрӯз ин нишондиҳанда ба 753,4 сомонӣ расидааст.

## Тадбирҳои пешгирӣ аз сел

<u>КӮЛОБ. (Мирзо НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»)</u> Бо мақсади пешгирӣ аз хатари сел дар деҳоти «Даҳана» бо дастгирии ташкилоти байналмилалии ЮСАИД шаш моҳ инҷониб Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби «Оби ширин» ба кишоварзон кӯмаки амалӣ мерасонад. Мутобиқи ин барнома, каналу ҷӯйборҳои байни қитъаҳо, дарвозаи обтақсимкунӣ, ки 20 сол боз рӯйи таъмирро надидаанд, таъмиру тармим гардида, соҳилҳо деворбандӣ мешаванд. Барои анҷоми ин кор ҳамчунин ҳафт нафар сокинони маҳаллӣ ҷалб гардиданд. Барои анҷоми корҳо 80 фоизи маблағҳои масрафшаванда аз ҳисоби ташкилоти байналмилалии ЮСАИД ва 20 фоизи боқимонда аз ҳисоби хоҷагиҳо пардохт мешавад. Айни ҳол Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби «Оби ширин» ба 21 хоҷагии кишоварзӣ тариқи шартнома хизмат мерасонад.

## Пайвандгари адабиёти тоҷику қирғиз

<u>МУРҒОБ. (Шоҳтолиб ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)</u> Майрамбек Тойчиев аз зумраи адибони сермаҳсул ба ҳисоб меравад. Мавсуф дар ду-се соли охир якчанд китоби насрию назмии адибони тоҷикро ба забони қирғизӣ тарҷума кардааст. «Сад ғазали Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ» дар тарҷумаи ӯ дар Ҷумҳурии Қирғизистон талабгори зиёд пайдо намуда, ду бор рӯйи чопро дид. Дар соли таҳсили 2012-2013 хонандагони синфи VI қирғиззабони мактабҳои ноҳияи Мурғоб аз китоби «Таърихи халқи тоҷик», ки бо қаламӣ ӯ ба шеваи адабию илмӣ тарҷума шудааст, истифода бурда истодаанд. Китоби «Таърихи халқи тоҷик»-и А. Мухторовро барои хонандагони синфҳои VIII низ олимона тарҷума намуда, ба дасти чоп супурдааст, ки аз оғози соли нави таҳсил ба хонандагони мактабҳои ба забони қирғизӣ таҳсилдошта дастрас хоҳад шуд. Айни ҳол М.Тойчиев ба тарҷумаи «Қомуси ҳунарҳои мардуми қирғиз» ба забони тоҷикӣ машғул аст.

## Майрамбӣ ва Қиматгул – ғолибони мусобиқа

<u>КӮЛОБ. (Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)</u> Бо ташаббус ва дастгирии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар толори Маркази фарҳангии ҷавонони шаҳри Кӯлоб мусобиқаи ҷумҳуриявӣ байни наврасони соли таваллудашон 1997-1998 оид ба бокс баргузор гардид. Мусобиқа тӯли як ҳафта идома ёфта, дар он 101 нафар муштзанҳои беҳтарини шаҳри Душанбе, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон иштирок намуданд. Мусобиқа аз рӯйи 14 намуди вазн сурат гирифта, дастаи варзишгарони шаҳри Душанбе ҳафт, вилоятҳои Хатлон панҷ ва Суғд чор ҷойи аввалро соҳиб гардиданд. Варзишгардухтарони шаҳри Кӯлоб Майрамбӣ Орифова дар вазни 46 ва Қиматгули Ниёзмад дар вазни 48 кило ҳамаи ҳарифони худро мағлуб карда, ба гирифтани ҷойи аввал шарафёб шуданд.

*Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91*

## Сарқонун - ҳуҷҷати сарнавиштсози миллат

5 ноябри соли 2012 дар толори Агентии «Тоҷикстандарт» бахшида ба 18-умин солгарди Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси илмӣ- назариявӣ доир гардид. Директори Агентии «Тоҷикстандарт» Бахтиёр Шукуров дар мавзӯи: « Сарқонун- ҳуҷҷати сарнавиштсози миллат» маърӯза намуд. Сиёсатшинос Иброҳим Усмонов низ дар атрофи ҳамин мавзӯъ андешаҳояшро иброз дошта, ба як қатор саволҳои иштирокчиёни конфронс посух дод. Мазмун ва мундариҷаи конфронс аз волоияти қонун, моҳияти Конститутсия, аз ҷумла рамзҳои давлатӣ ва дигар арзишҳои миллӣ, иборат буд.

## Конфронси илмӣ

30 октябри соли 2012 дар Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия дар мавзӯи «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар таърихи сарнавишти халқи тоҷик» конфронси илмии байналмилалӣ доир гардид.

Ректори донишгоҳ, доктори илмҳои филология, профессор Нуралӣ Салихов меҳмонон ва иштирокчиёни конфронсро хайра мақдам гуфта, аз 21- солагии ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдоварӣ кард.

-Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки 27 июни соли 1997 ба имзо расид, тақдири минбаъдаи халқи тоҷикро муайян намуд. Сулҳу ваҳдати миллӣ имкон фароҳам овард, ки барои сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ заминаҳои устувори ҳуқуқӣ гузошта шавад,- гуфт ӯ.

Дар ин ҳамоиш намояндагони сафоратҳои кишварҳои ҳамсоя низ иштирок доштанд. Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон У.К.Саралаев дар мавзӯи «Иштироки созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои ҳамсоя баҳри истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» маърӯза кард. Ҳамчунин маърӯзаҳои мушовири Сафири Фавқулодда ва Мухтори Федератсияи Россия дар Тоҷикистон Д. А.Кабаев роҷеъ ба «Саҳми Россия дар оштии миллии Тоҷикистон» ва муовини аввали директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Х.Холиқназаров дар мавзӯи «Ибтидо ва ҷараёни гуфтушуниди байни тоҷикон» шунида шуд.

*Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»*






# САРМОЯИ ИНСОНӢ ОМИЛИ АСОСИИ РУШД АСТ

Чанде пеш бо ибтикори роҳбарони Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия ва дастгирии молиявии Фонди ба номи Ф.Эберт конфронси илмӣ - назариявӣ таҳти унвони «Дурнамои рушди иҷтимоӣ ҳамчун омили ташаккулёбии неруи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид. Дар ин ҳамоиш вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъулини Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ , олимон ва коршиносони бахши иқтисод ширкат доштанд. Конфронсро ректори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон Раҳматулло Мирбобоев ҳусни оғоз бахшида, доир ба нақши сармояи инсонӣ дар пешрафти бахшҳои гуногуни ҷомеа андешаҳои судманд иброз дошт.

-Рушди бемайлон зарурати ҳар чӣ бештар ҷалб намудани сармояи инсониро ба ҳама соҳаҳо тақозо дорад, - афзуд номбурда. -Биноан, Ҳукумати ҷумҳурӣ дар доираи барномаҳои гуногун баҳри ҷалби он ба ҳама бахшҳои ҷомеа иқдом намудааст, ки натиҷаҳои хуб ба бор меорад.

Намояндаи Фонди ба номи Ф.Эберт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Ҳайдаров зимни суханрониаш ташаккули сармояи инсониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ намуда, рушду тавсеаи онро муҳиму саривақтӣ номид. Бино ба гуфти номбурда, давоми чанд соли охир намояндагии Фонди ба номи Ф.Эберт тариқи баргузории ҳамоишҳои гуногун баҳри ба ҷомеа расонидани муҳимияти ин масъала иқдом менамояд ва конфронси зикршуда яке аз онҳост.

Суханронии доктори илми иқтисод М. Кошонова дар мавзӯи «Дурнамои рушди иҷтимоӣ ҳамчун омили ташаккулёбии неруи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» хеле ҷолиб буд, зеро дар он масоили ба ин бахш рабтдошта, ки то ҳол мавриди пажуҳиш қарор нагирифтаанд, бозгӯйӣ шуданд. Ба назари мавсуф, дар шароити феълӣ мафҳуми сармояи инсонӣ аз лиҳози мазмун ва моҳият хеле густурда гашта, бе фаъол будани ин раванд рушди бахшҳои ҷомеаро умедвор будан нашояд. Номбурда аз иқдомоти Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин ҷода сухан ронда, густариш бахшидани ин равандро ба манфиати кор шуморид.

Доир ба масъалаи мавриди баррасӣ муовини якуми вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ Эмин Сангинов, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Лутфулло Саидмуродов, мудири кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия Сироҷиддин Комилов ва дигар коршиносон суханронӣ намуданд.

Ҳамзамон маърӯзачиён пешниҳодоти хешро бобати ривоҷ бахшидани раванди ҷалб ва истифодаи васеи сармояи инсонӣ дар ҳама соҳаҳо иброз дошта, роҳҳои дар амал татбиқ намудани онҳоро низ мушаххас намуданд.

*Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»*

# БОЗИҲОИ ХАВФНОК

## Зумрае аз наврасон онро воситаи дилхушӣ меҳисобанд

Бадахлоқиву бадрафтории баъзе ноболиғону наврасон ва бемасъулиятиву бепарвоии падару модарони онҳо метавонад ба сар задани амалҳои номатлубу ношоиста сабаб гардад. Ноболиғону наврасон бештар он амалҳои зиштеро тақлид мекунанд, ки аз тариқи телевизион ва дигар воситаҳои электронӣ тамошо кардаанд. Чунин ноболиғону наврасон ба ҷойи машғул шудан ба илмомӯзиву амали нек ба беҳудагардиву бадрафторӣ машғул мешаванд. Онҳо бо амалҳои ғайриқонунии худ ба халал расонидани низому тартибот сабаб мегарданд.

Чанде пеш аз ҷониби кормандони Раёсати ВКД шаҳри Душанбе як зумра ҷавонону наврасон боздошт шуданд, ки аз бепарвоиву бемасъулиятии падару модар ва пайвандони худ сӯйистифода намуда, нимашабҳо бо лазери пурқувват ба ҳаракати мунтазами воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ (тайёраву чархболҳо) халал расонида, хавфи сар задани фалокат ва садамаҳои ҳавоиро пеш меоварданд. Ба воситаи чунин асбобҳо, ки нурафшонии пурқувват доранд, ҳангоми фурудоии нақлиёти ҳавоӣ ба сарнишонони онҳо халал мерасонанд ва ин амали хавфноки худро воситаи дилхушӣ медонанд.

Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ барои содир намудани ин амали хатарнок донишҷӯи соли якуми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мурод Неъматов, хонандаи синфи 9-уми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №66-и ноҳияи Сино Ҷамолиддин Исматов, хонандаи синфи 9-уми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Фирдавсӣ Шоҳрух Аъзамов, хонандаи синфи 11-уми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №50-и ноҳияи Сино Равшан Мӯсоевро боздошт намуда, аз онҳо ду адад асбоби равшандиҳандаи лазер гирифтанд. Инчунин сокини шаҳри Душанбе Холмаҳмад Абдураҳмонов, ки ба ин ноболиғон асбобҳои мазкурро фурӯхтааст, боздошт гардид. Нисбати падару модари ноболиғони мазкур бо талаботи моддаи 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, онҳо барои бемасъулиятиашон нисбати таълиму тарбияи фарзанд ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб шуданд.

Ин амали ноболиғон метавонист боиси ба садама дучор шудани чархболу тайёраҳо ва сабабгори маргу маҷрӯҳ шудани одамон гардад. Аз ин рӯ, падару модарон ва аҳли ҷомеаро зарур аст, ки дар таълиму тарбияи фарзандон бетараф набошанд, то пеши роҳи амалҳои ҷиноӣ ва номатлуби ҷавонону наврасон гирифта шавад.

*Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум*

# МАКТАБИ НАВ БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД

Деҳаҳои Осиёбдара, Хуррамшаҳр ва Меҳробод дар маҳали дурдасттарини Ҷамоати деҳоти Ясмани ноҳияи Рашт воқеанд. Фарзандони ин деҳот баъди хатми мактаби ибтидоӣ барои идомаи таҳсил ба мушкилот дучор мешуданд. Онҳоро лозим меомад, ки масофаи зиёдро тай намуда, дар маҳали наздиктарин таҳсилро идома диҳанд. Чунин имконотро на ҳама доштанд. Аз ин сабаб шумораи зиёди наврасон аз таҳсил берун мемонданд.





Дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2012-2016, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011 таҳти №600 қабул гардидааст, сохтмони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 96 дар деҳаи Осиёбдара дар нақша буд. Сохтмони мактаб аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ шуда, бунёди онро Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бар уҳда дошт.

Сохтмони мактаб бо арзиши 1200 ҳазор сомонӣ дар муддати кӯтоҳ анҷом ёфт. Мактаб дорои ҳашт синфхона ва утоқи омӯзгорон мебошад. Ҳамзамон утоқи компютерӣ иборат аз панҷ адад компютер ва як адад принтер дар ихтиёри хонандагон мебошад.

Дар маросими кушодашавии мактаби нав узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Рашт Сайумрон Абдураҳмонов иштирок ва омӯзгорону хонандагонро табрик намуд.

Роҳбари мактаб Саломуддин Исмонов дар суҳбат ба мо гуфт, ки феълан ба таҳсил зиёда аз 80 нафар хонанда ҷалб шуда, ҳафт нафар омӯзгор ба онҳо таълим медиҳанд. Минбаъд теъдоди хонандагон меафзояд, зеро дар ин деҳаҳо шумораи зиёди наврасон аз таҳсил берун монда буданд. Баъди кушодани мактаб бисёр падару модарон хоҳиш карданд, ки фарзандони онҳо таҳсилро давом дода, соҳиби маълумот гарданд. Ифтитоҳи мактабҳои нав дар шароити кӯҳистон хеле муҳим буда, барои ҷалби шумораи зиёди толибилмон ба таҳсил шароит фароҳам меорад.

*Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум». Суратгир М. РИЗВОНОВ*

## Боз як иншооти ҷашнӣ

Дар маркази ноҳияи Зафаробод боз як иншооти нави ҷашнӣ ба истиқболи 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Он бинои нави шуъбаи маориф буда, иборат аз 12 ҳуҷра ва толори маҷлисӣ мебошад. Бино аз ҳисоби Фонди католитикӣ ба маблағи 630 ҳазор сомонӣ бунёд гардид. Дар кори эъмори ин иншоот бинокорони Ширкати сохтмонии ҶДММ «Восеъи Нур» ( раисаш Бахтиёр Каримов) заҳмати зиёд ба харҷ доданд. Ба гуфтаи муовини раиси ноҳия Нормаҳмад Наврӯзов, ин иншоот ҳамчунин ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ бо ашёҳои зарурӣ муҷаҳҳаз шуда, аз шумораи умумии 20 иншооти ҷашнӣ 17-умин мебошад.

*Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»*

# Файзи «Тирамоҳи заррин»

Дар Маркази ҷумҳуриявии маълумоти иловагӣ таҳти унвони «Тирамоҳи заррин» озмуни ҷумҳуриявии мактаббачагони эҷодкор баргузор гардид. Дар озмун толибилмон аз шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Турсунзода, Ваҳдат, Роғун, Ҳисор, Рӯдакӣ, Ҷиргатол, Нуробод, Тавилдара, Тоҷикобод, ВМКБ ва вилояти Суғд иштирок намуданд. Онҳо намунаи маҳсули дастони худ, ба монанди рамзҳои давлатӣ- Парчаму Нишон, расму суратҳои ҳайвоноту паррандагон ва олами наботот, албомҳои экологӣ, тухмии зироатҳо, гулу растаниҳои ороишӣ, реферату нашрияҳои деворӣ, иборат аз маводҳо оид ба ҳифзи муҳити зист ва ғайраро манзури ҳакамон ва тамошобинон гардониданд.

Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуралӣ Саидов иштирокчиёни озмун ва меҳмононро табрик карда, ба ташкили чунин чорабинии судбахш баҳои баланд дод.

Ин чорабиниро, ки ба баланд бардоштани маърифати экологӣ равона шуда буд, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази ҷумҳуриявии маълумоти иловагӣ бо дастгирии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон доданд. Ғолибони озмун соҳиби ифтихорнома ва мукофот шуданд.

*Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»*

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3114/1-1476 | Муассисаи давлатии обуҳавошиносӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Аккумулятори ишқории 5НК-125, истеҳсоли Россия | дона | 16 | 19.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3115/1-1477 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгӯй | 74 | 30.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3116/1-1478 | Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 3 | 19.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 3117/1-1479 | Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон«Ховар»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 22 | 19.11.2012 соати $10^{00}$ |
| 3118/1-1480 | Раёсати ақибгоҳ ва лавозимоти ҷангӣ, нақлиёт, техника ва хоҷагии ёрирасони «Наҷот»-и Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | сомонӣ | 50000 | 19.11.2012 соати $10^{30}$ |
| 3119/1-1481 | Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои варзишӣ ва либос | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 19.11.2012 соати $11^{00}$ |
| 3120/1-1482 | Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои конселярӣ | номгӯй | 16 | 19.11.2012 соати $11^{30}$ |
| 3130/1-1483 | Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Хаймаи андозаи 4х6 $м^2$ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 19.11.2012 соати $14^{00}$ |
| 3121/2-859 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №66, ноҳияи Сино | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 7 | 19.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3122/3-727 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №7, ноҳияи Варзоб | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 30.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3123/3-728 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи И.Сомонӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтани майдончаҳои ахлотпартоӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 30.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 3124/3-729 | Маркази саломатии деҳоти Лучоб, ноҳияи Варзоб | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии бинои маркази саломатӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 30.11.2012 соати $10^{00}$ |
| 3125/3-730 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 56, ноҳияи Варзоб | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 19.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3126/3-731 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2, ноҳияи Варзоб | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 30.11.2012 соати $10^{30}$ |
| 3127/3-732 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №26, ноҳияи Варзоб | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 19.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 3128/3-733 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №57, ноҳияи Варзоб | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 19.11.2012 соати $10^{00}$ |
| 3129/3-734 | Раёсати назорати давлатии байторӣ дар сарҳади давлатӣ ва нақлиёт | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтани бинои шуъбаи РНДБ | тибқи санади нуқсонӣ | | 30.11.2012 соати $11^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода, мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

# Invitation for Bids (IFB)

**Republic of Tajikistan**
**Central Asia Hydrometeorological Modernization Project**
**IDA Grant H 679- TJ**
**SCF-PPCR Grant TF 099848**
**IFB Title: Supply of Cross-Country Motor Vehicles for TajikHydromet**

**IFB Number: ICB No: TJ-G/ICB-01**

1. This Invitation for Bids follows the General Procurement Notice for this Project that appeared in Development Business, published on June 10, 2011.

2. The Republic of Tajikistan has received a grant from the International Development Association and International Bank for Reconstruction and Development toward the cost of Central Asia Hydrometeorology Modernization Project, and it intends to apply part of the proceeds of this grant to payments under the Contract for : ICB No: TJ-G/ICB-01. Bidding will be governed by the World Bank's eligibility rules and procedures.

3. The Project Coordination Unit now invites sealed bids from eligible and qualified bidders for Supply of Cross-Country Vehicles for TajikHydromet as follows:
Lot 1: Supply of Heavy Truck A, 1 EA
Lot 2: Supply of Heavy Truck B, 1 EA
Lot 3: Supply of Mid-size 4x4 WD Vehicles, 2 EA
Lot 4: Supply of Mini SUV 4X4 WD, 4 EA
Lot 5: Supply of 4X4 WD Pick-up Vehicle, 1 EA
Bidders can bid for one or more lots. Bids will be evaluated lot by lot and the contract will be awarded to the lowest evaluated responsive bidder for each lot. Only bids offering supply and delivery of 100% of total quantities will be considered.
For each lot bid security will be required. The amount of the Bid Security is:
Lot 1: US 2000 (two thousand US Dollars) or equivalent in TJS or an equivalent amount in a freely convertible currency
Lot 2: US 2000 (two thousand US Dollars) or equivalent in TJS or an equivalent amount in a freely convertible currency
Lot 3: US 2500 (two thousand five hundred US Dollars) or equivalent in TJS or an equivalent amount in a freely convertible currency
Lot 4: US 1000 (one thousand US Dollars) or equivalent in TJS or an equivalent amount in a freely convertible currency
Lot 5: US 1000 (one thousand US Dollars) or equivalent in TJS or an equivalent amount in a freely convertible currency
The goods' final destination is:
(i) State Hydrometeorology Agency of the Republic of Tajikistan (TajikHydromet)
734025, 47 Shevchenko Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan
(ii) Khatlon center for Hydrometeorology
735140, 21 K. Marks Street, NIKHI, Qurghan Teppa city, Republic of Tajikistan
(iii) Kharugh Hydrometeorology Observatory
736002, 24 Jami Street, UPD Mikrorayon, Kharugh town
(iv) Sughd Hydrometeorology Center
735350, 94 Lenin street
(v) Darband Group Meteorological Center
733420, Rohsoz street
(vi) Maykhura Avalnche Station
735113, Varzob District
The specific experience in the performance of the similar contracts is required.
The earliest delivery period is 6 weeks and the latest delivery period is 8 weeks after the contract signature

4. Bidding will be conducted through the International Competitive Bidding (ICB) procedures specified in the World Bank's *Guidelines: Procurement under IBRD Loans and IDA Credits, May 2004. Revised October 2006 and May 2010* and is open to all bidders from Eligible Source Countries as defined in the Guidelines.

5. Interested eligible bidders may obtain further information from TajikHyromet by the following e-mail: cpu@cahmp.tj . Attention Mr. S. Dustov, Project Executive Director, and inspect the Bidding Documents at the address 1 given below from 10:00 to 17:00 hours.

6. Qualifications requirements include: experience in delivery of the similar goods in in the similar quantities; financial capacity to execute the contract in case of award. A margin of preference for certain goods manufactured domestically shall not be applied. Additional details are provided in the Bidding Documents.

7. A complete set of Bidding Documents in English may be obtained by interested bidders on the submission of a written Application to the address below and upon payment of a non-refundable fee of TJS 125/125 to account 1 and 2, or USD 25/25 to account 3 and 4 below:

| Account 1: | Account 2: |
|---|---|
| МД обухавошиноси<br>ИНН 020009504<br>р/с №20204972712010100002<br>к/с 22402972000002<br>Сарраёсати ХМВМ ЧТ, ш. Душанбе<br>БИК 350101800 | МД обухавошиноси<br>ИНН 020009504<br>р/с №20204972712010100002<br>к/с 22402972000002<br>Сарраёсати ХМВМ ЧТ, ш. Душанбе<br>БИК 350101800 |
| **Account 3** | **Account 4** |
| Intermediary bank:<br>Federal Reserve Bank of New York, NY, USA<br>33; Liberty Street, NY 10045-00001, New York, USA<br>ABA: 0210 0120 8<br>SWIFT: FRNY US 33<br>Ace. No. 0210 8861 6<br>Beneficiary bank :<br>National Bank of Tajikistan<br>SWIFT: NATJ TJ 22<br>Ace. No. 22696840400061<br>Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan | Intermediary bank:<br>Federal Reserve Bank of New York, NY, USA<br>33; Liberty Street, NY 10045-00001, New York, USA<br>ABA: 0210 0120 8<br>SWIFT: FRNY US 33<br>Ace. No. 0210 8861 6<br>Beneficiary bank :<br>National Bank of Tajikistan<br>SWIFT: NATJ TJ 22<br>Ace. No. 22696840400060<br>Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan |

The Bidding Documents in PDF/Word format can be sent by electronic mail.

8. Bids must be delivered to the address 2 below not later than 13 December 2012 at or before 14:00. Electronic bidding will not be permitted. Late bids will be rejected. Bids will be opened in the presence of the bidders' representatives who choose to attend in person or on-line at the address indicated in the Bidding Documents at 13 December 2012 14:00.

9. The addresses referred to above are:

| Address 1: | Address 2: |
|---|---|
| State Hydrometeorology Agency of the Republic of Tajikistan (TajikHydromet)<br>734025, 47 Shevchenko Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan | State Committee on Investments and State Property<br>734002, 27 Shotemur Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan |

## ТАСҲЕҲ

Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти № 3079/2-855, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 2 ноябри соли 2012 таҳти №135 (2962) нашр шудааст, дар сутуни Предмети харид ба ҷойи Маводи хӯрока, Равғанҳои молиданӣ хонда шавад.

***

Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти №3077/2-853, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 2 ноябри соли 2012 таҳти №135 (2962) нашр шудааст, дар сутуни Номгӯйи мол ба ҷои Шуъбаи маорифи ноҳияи Сино, Шуъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансур хонда шавад.

## ДАЪВАТНОМА БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи тендерии Вазорати адлия (минбаъд – ташкилоти Харидор), суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 25, тел: 221-50-68, 221-36-33 шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро барои ширкат дар озмуни кушода бо иштироки номаҳдуд барои хариди номгӯйи зерини мол, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамояд:

**Даъватномаи № 4 аз 7 ноябри соли 2012**

**Манбаи маблағгузорӣ: Буҷети давлатӣ**

***Таҷҳизоти нашриётӣ, таҷҳизоти маишӣ, таҷҳизоти идоравӣ ва мебел.***

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба ташкилоти Харидор ба суроғаи зерин: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 25, тел: 221-50-68, 221-36-33 муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаи муҳркардашуда ба суроғаи дар боло зикршуда то соати $10^{00}$ санаи 30 ноябри соли 2012 пешниҳод намоянд. Баъди анҷоми муҳлати муқарраршуда аз довталабон пешниҳод қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳоди довталабон аз ҷониби комиссияи тендерии ташкилоти Харидор дар раванди озмуни харид, ки **соати $14^{00}$ санаи 30 ноябри соли 2012** баргузор мегардад, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**30 ноябри соли 2012 музоядаи №27-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд**

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Дегхонаи маҳаллаи №13-уми Корхонаи фаръии шабакаҳои гармидиҳии шаҳри Хуҷанд, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | шаҳри Хуҷанд | 1 000 000 |
| 2 | Бино ва иншооти базаи Семиганҷ, КВ «Экспедитсияи иктишофи геологии Помир» | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Зайнаббибӣ | 350 347 |
| 3 | Бинои ҳаммоми ҶСП «Паррандапарварии Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр | 210 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 4-52-91, 927-56-64-84,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**30 ноября 2012 года проводит аукцион №27 по продаже недвижимости**

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Котельная в махале №13, Дочерного предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» города Худжанд, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | город Худжанд | 1 000 000 |
| 2 | Здание и сооружения базы Семиганч, УП «Экспедитсияи иктишофи геологии Помир» | город Вахдат, улица Зайнаббиби | 350 347 |
| 3 | Здание сауны ЗАО «Паррандапарварии Шахринав» | Шахринавский район, городок Октябр | 210 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г.Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: ***английский***.

Время проведения **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, г.Худжанд, улица Ленина 47/1.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе. Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 4-52-91, 927-56-64-84,** а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢ Шаҳодатномаи хизматии №598-и гумшуда, ки онро Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005 ба Шамсиддинова Муҳаббат додааст, эътибор надорад.

➢ Шиносномаи техникии №3283-и гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Шаҳритус бо суроғаи ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Қубодиён, деҳаи Чимғилиш-1, 20 октябри соли 2009 ба Қурбонов Ҷурақул Мусирович додааст, эътибор надорад.

➢ Шаҳодатномаи АБ №043681-и гумшуда дар бораи хатми мактаби миёна, ки онро мактаби миёнаи №43-и ноҳияи Ленин (ҳоло мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Рӯдакӣ) соли 1998 ба Ваджхудинов Ораз Меҳридинович додааст, эътибор надорад.

➢ Муҳри гумшудаи ҶСП «Ширкати глобалии Нур» эътибор надорад.

➢ Шиносномаи техникии №1081–и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе, соли 2009 бо суроғаи кӯчаи Амиршоев, хонаи 2, ҳуҷраи 1 ба Машрапов Ғоиб додааст, эътибор надорад.

➢ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0046006 бо РЯМ 1530003219-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 5 феврали соли 2010 ба Каримов Карим Табарович додааст, эътибор надорад.

➢ Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №6Д-309-и гумшуда, ки онро Идораи дуюми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 21 сентябри соли 1984 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Войкова, ҳавлии 53 ба Раҳмонов Алиҷон Абдуғафорович додааст, эътибор надорад.

## Барҳам меҳӯрад

➢ Муассисаи давлатии «Дирексияи экспозитсияи Тоҷикистон дар Намоишгоҳи умумиҷаҳонии ЭКСПО-2012» дар шаҳри Ёсун, Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ бо РЯМ 010088935, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Валаматзода, хонаи 21, барҳам меҳӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢ Шаҳрванд Абубакри Қаҳор, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0022128 бо РЯМ 0130004555 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 14 декабри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Ҳаитов Султонмурод Шарифович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0930015882 бо РЯМ 095397230 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 1 марти соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Тоҷиддинова Рупия Авғоновна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0197588 бо РЯМ 0130052001 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 3 октябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Мусоева Шаҳло Давлатёровна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0058650 бо РЯМ 0430029930 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино 16 апрели соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Ҷурабекова Шоира Холибековна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0058654 бо РЯМ 0430030031 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино 16 апрели соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи кормандони тандурустии Тоҷикистон аз вафоти бемаҳали Корманди шоистаи Тоҷикистон, профессор, машваратчии илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ - тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**НАРЗУЛЛОЕВА ЕВГЕНИЯ НЕГМАТОВНА**

андӯҳгин буда, ба наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

Кормандони Муассисаи давлатии сафарию ҳунарии «Базморо» ба ҳуқуқшиноси муассиса Шарифов Раҳмонқул нисбати фавти бармаҳали

**ҲАМСАРАШ**

изҳори тасаллият намуда, барояш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 9 ноябри соли 2012, соати 18.40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23752 нусха

Навбатдорони шумора А. Муродов ва А. Мӯсоев

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова